Н. Қодиров, И. Абдуллоев, К. Исоев, С. Давлатзода.

# ТАБИАТШИНОСӢ

(ОЛАМИ АТРОФИ МО)



2

**Набӣ Қодиров, Ибодулло Абдуллоев,**
**Комилшо Исоев, Сайфиддин Давлатзода.**

# ТАБИАТШИНОСӢ

## (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

**Китоби дарсӣ**
**барои синфи**

# 2

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия кардааст

**Душанбе**
**2016**

ББК 74.264.4 (2 тоҷик) Я 72
Т-13

Қодиров Н., Абдуллоев И., Исоев К., Давлатзода С., **Табиатшиносӣ** (Олами атрофи мо). Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: 2016. – 136 саҳ.

## ҶАДВАЛИ ИСТИФОДАИ КИТОБИ ДАРСӢ

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

## Аломатҳои шартӣ

**Саволу супоришҳо барои ҷалби диққат**

? **Худро санҷед**

Ч **Чистон**

**Тестҳо**

**Кори амалӣ**

**Луғат**

ISBN 978-99975-874-6-6

© Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моликияти давлат

# САРСУХАН

***Китоб неъмати бебаҳо аст, онро эҳтиёт кунед.***

Бачаҳои азиз, шумо дар синфи якум оид ба ашё ва ҳодисаҳои олами атрофи худ маълумоти аввалин гирифтед. Дар синфи 2-юм оид ба ин ҳодиса ва ашё маълумоти бештар ба даст оварда, дониши худро мукаммал мегардонед. Шумо ин китобро дуруст истифода баред, ба бисёр саволҳои худ ҷавоб меёбед.

***Аз китоб чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст?***

Пеш аз ҳама, матнҳои китобро бодиққат хондан лозим аст. Дар аввали матни ҳар як мавзӯъ барои ҷалби диққат ва бедор кардани донишҳои пешинаи шумо якчанд саволу супоришҳо оварда шудааст. Шумо баъди иҷрои онҳо барои омӯзиши мавзӯи нав омода мешавед. Барои пурратар фаҳмидани мазмуни матнҳо дар китоб расмҳо оварда шудаанд. Бо расмҳо шинос шуда, ба мазмуни онҳо диққат диҳед, зеро аз рӯйи баъзе расмҳо шумо супоришҳоро иҷро мекунед. Дар баъзе мавзӯъҳои китоб чистонҳо ҷой доранд. Мазмуни чистонҳо ба мавзӯъ алоқаманд мебошад. Дар охири китоб ҷавоби чистонҳоро пайдо карда метавонед.

Бахши “Кори амалӣ” малакаҳои шуморо дар самти кор бо нақшаю ҷадвал ва диаграммаҳо инкишоф медиҳад. Шумо аз рӯйи дониши худ фаъолиятҳои ин бахшро иҷро мекунед.

Дар бахшҳои “Худро санҷед” ва “Тестҳо” шумо бо саволу супоришҳо кор карда, дониши омӯхтаи худро оид ба мавзӯъ месанҷед ва мефаҳмед, ки то чӣ андоза мавзӯъро азхуд кардаед. Ҳангоми иҷрои тестҳо дар китоб хат накашед. Ҷавобҳоро дар дафтаратон қайд кунед.

Барои фаҳмидани калима ва мафҳумҳои душвор аз бахши “Луғат” истифода бурда метавонед.

Ба шумо дар азхуд намудани донишҳо оид ба олами атроф барор мехоҳем!

***Муаллифон***

## РАСМҲОИ ЗЕР МАЗМУНИ КИТОБРО ИФОДА МЕКУНАНД



# I. ТОҶИКИСТОН – ВАТАНИ МАҲБУБИ МО

## §1. ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ МОСТ

- *Гӯед, ки ватан ва маҳалли зисти шумо чӣ ном дорад?*
- *Дар маҳалли шумо кадом халқҳо зиндагӣ мекунанд?*
- *Дар бораи аҳолии маҳалли худ нақл кунед.*

Ватани мо, Тоҷикистони азиз, давлати сермиллат мебошад. Ҳоло дар Тоҷикистон зиёда аз 8 миллион нафар одамон зиндагӣ мекунанд. Халқҳои сокини Ватани мо бо забон, урфу одат ва тарзи либоспӯшӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Ҳамаи халқу миллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, бо ҳам дӯсту бародаранд. Ҳоло бо баъзеи онҳо муфассалтар шинос мешавем.



**Тоҷикон** миллати асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Тоҷикон дар тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон зиндагӣ доранд. Мардуми тоҷик таъриху фарҳанги бой дошта, дар дунё яке аз миллатҳои қадимтарин ба ҳисоб меравconfigured. Тоҷикон бо забони тоҷикӣ сухан мегӯянд. Забони тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ мебошад.



**Ӯзбекҳо** яке аз халқҳои сокини Тоҷикистон мебошанд. Онҳо бо тоҷикон солҳои зиёд якҷоя зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, тарзи либоспӯшӣ ва урфу одатҳои ӯзбеку тоҷик хеле монананданд. Забони ӯзбекӣ аз забони тоҷикӣ фарқ мекунад.

Дар Тоҷикистон **қирғизҳо** низ истиқомат мекунанд. Қирғизҳо бештар дар ноҳияҳои Лахши минтақаи Рашт ва Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зиндагӣ ва кор мекунанд. Онҳо, асосан ба кишоварзӣ ва чорводорӣ машғуланд.





**Русҳо** низ солҳои зиёд бо тоҷикон дӯстона зиндагӣ мекунанд. Онҳо, асосан дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бӯстон, Норак, Турсунзода ва ғайра умр ба сар мебаранд.

Дар Тоҷикистон, инчунин туркманҳо, кореягиҳо ва дигар халқҳо зиндагӣ мекунанд, ки шумораашон он қадар зиёд нест.

## Кори амалӣ

Ҷадвали зерро дар дафтаратон тасвир кунед. Аз рӯйи расмҳои боло хусусиятҳои халқу миллатҳои сокини Тоҷикистонро дар он нависед.

| Тоҷикон | Ӯзбекҳо | Қирғизҳо | Русҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |

## Худро санҷед:

1. Ватани мо чӣ ном дорад?
2. Шумораи аҳолии Тоҷикистон чӣ қадар аст?

3. Халқҳои сокини Тоҷикистонро номбар кунед.
4. Хусусиятҳои фарққунандаи миллату халқҳои Тоҷикистонро гӯед.
5. Оё тоҷикон фақат дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд?
6. Оид ба таърихи халқи тоҷик чӣ медонед, нақл кунед.

## Тестҳо

Ҳангоми иҷрои тестҳо дар китоб хат накашед!

1. Кадоме аз ин халқҳо дар Тоҷикистон зиндагӣ намекунанд?

А) Тоҷикон;
Б) Ӯзбекҳо;
В) Англисҳо;
Г) Қирғизҳо;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Мардуми тоҷик таъриху фарҳанги бой дошта, дар дунё яке аз миллатҳои _______________ ба ҳисоб мерав官.

## Луғат

***Урфу одат*** – расму оинҳое, ки одамон дар муддати тӯлонии таърихӣ иҷро карда омадаанд.

***Сокин*** – истиқоматкунанда.

***Таърих*** – илм дар бораи инкишофи ҷамъият ва табиат.

***Фарҳанг*** – дониш, илм, адаб.

***Муфассал*** – шарҳ, ба таври васеъ ва ҳаматарафа.

## § 2. ТАБИАТИ ШАҲР ВА ДЕҲОТИ МО

- *Шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед, дар шаҳр ё деҳот?*
- *Оид ба табиати шаҳр (деҳа)-и худ нақл кунед.*

Шаҳр ва деҳа ҷойи аҳолинишин мебошанд. Дар шаҳр кӯчаҳо ва биноҳои баландошёна зиёданд. Заводу фабрикаҳо, осорхона, театр, муассисаҳои таълимӣ ва бозору мағозаҳо нисбатан бештар дар шаҳр ҷойгир шудаанд. Дар кӯчаҳои шаҳр, автобусу троллейбус ва дигар нақлиёти мусофирбар хеле зиёд ҳаракат мекунанд. Аҳолии шаҳр дар заводу фабрика, муассисаҳои таълимӣ, табобатӣ ва бозору мағозаҳо кор мекунанд.

Табиати шаҳрҳои мо хеле зебо ва дилкаш мебошад. Дар кӯчаю гулгаштҳои шаҳрҳо дарахтони сояафкан ва ороишӣ зиёд шинонида шудаанд. Одамон аз тамошои онҳо ҳаловат бурда, истироҳат мекунанд. Мо бояд ба қадри дарахтон ва гулу гиёҳи шаҳрҳо бирасем.



*Шаҳри Душанбе*

Дар деҳа нисбат ба шаҳр аҳолӣ камтар зиндагӣ мекунад. Аҳолии деҳот, асосан ба киштукори зироатҳо, боғдорӣ ва чорводорӣ машғуланд. Дар деҳот ҳаво нисбатан тоза буда, боғҳои мевадиҳанда, заминҳои кишт ва манзараҳои зебои табиӣ хеле зиёданд. Баъзан бачаҳо дар таътили тобистона аз шаҳр ба деҳот (ба хонаи хешу табори худ) мераванд. Табиати шаҳр (деҳа)-и худро бояд муҳофизат кунем.



*Манзараи деҳот*

## Кори амалӣ

Диаграммаи зерро дар дафтаратон тасвир кунед. Аломатҳои фарққунанда ва монандии шаҳр ва деҳаро дар он нависед:




## Худро санҷед:

1. Шаҳр чӣ гуна ҷой аст? Деҳа чӣ?
2. Аломатҳои шаҳрро номбар кунед.
3. Шуғли мардуми шаҳр ва деҳотро гӯед.
4. Фарқи байни шаҳру деҳаро фаҳмонед.

## Тестҳо

1. Рустаниҳои ороиширо бештар дар куҷо дидан мумкин аст?

А) Саҳро;
Б) Деҳа;
В) Кӯҳҳо;
Г) Шаҳр;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Табиати шаҳр (деҳа)-и худро бояд ____________ кунем.

## Луғат

***Диаграмма*** – яке аз шаклҳои тасвир.
***Шуғл*** – касбу кор.

## § 3. МАНЗАРАҲОИ НОТАКРОРИ ТАБИАТИ КИШВАРИ МО

- *Дар маҳалли шумо кадом манзараҳои зебо мавҷуданд?*
- *Оид ба манзараҳои табиати маҳаллатон нақл кунед.*

Кишвари мо, Тоҷикистони азиз, табиати ниҳоят зебо дорад. Тоҷикистон на фақат бо кӯҳу водиҳо, инчунин бо манзараҳои беназири табиаташ низ шуҳрат дорад.

Бо баъзе аз ин манзараҳои зебои табиати кишварамон муфассалтар шинос мешавем.

**Кони намаки Хоҷамуъмин.** Ин кон дар ноҳияи Восеъи минтақаи Кӯлоб воқеъ аст. Ҷариҳои ин кӯҳи намакин то 300 метр чуқуранд. Аз он намаки ошӣ истеҳсол мекунанд.



*Кони намаки Хоҷамуъмин*

**Сӯхтори ангиштсанги кӯҳи Малик.** Ҳодисаи сӯхтани кони ангишт дар ноҳияи Айнӣ мушоҳида мешавад. Ин сӯхтор аз замонҳои қадим инҷониб давом дорад. Аз 40 ҷойи тарқиши замин буғи тафсон фаввора мезанад, ки то 300 дараҷа гармӣ дорад.



*Сӯхтор дар кӯҳи ангиштсанг*

**Хоҷаобигарм** чашмаи шифобахши обаш гарм аст. Ҳарорати оби он то ба 90 дараҷа мерасад. Хоҷаобигарм аз шаҳри Душанбе дар масофаи 55 км ба самти Шимол – дар ноҳияи Варзоб ҷойгир шудааст. Ҳар сол ҳазорҳо одамон аз ҷумҳурии худамон ва дигар кишварҳо барои истироҳат ва муоличҷа ба ин осоишгоҳ меоянд. Дар назди ин чашма калонтарин истироҳатгоҳ сохта шудааст.



*Осоишгоҳи Хоҷаобигарм*

Чунин чашмаҳои шифобахшро дар тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон дидан мумкин аст.



*Гармчашма дар Помир (ноҳияи Ишкошим)*



*Обигарм дар шаҳри Роғун*



*Шоҳамбарӣ дар Ҳисор*



*Зумрад дар Исфара*

**Чилучорчашма** яке аз муъҷизаҳои табиии кишвари мо ба ҳисоб меравад. Он дар ноҳияи Носири Хусрав (вилояти Хатлон) ҷойгир аст. Дар ин макон аз зери теппа дар масоҳати начандон калон чилу чор чашмаи обаш софу зулол мебарояд. Ҳар сол ҳазорҳо одамон ба ин мавзеъ барои тамошо ва истироҳат меоянд.



*Мавзеи Чилучорчашма*

Ҳар кас бояд манзараҳои табиати маҳалли зисти худро донад ва муҳофизат намояд.

## ? Худро санҷед:

1. Манзараҳои табиати Тоҷикистонро номбар кунед.
2. Кадоме аз манзараҳои табиати дар боло номбаршуда ба маҳалли зисти шумо наздик аст?
3. Аҳамияти манзараҳои табиати Тоҷикистонро шарҳ диҳед.
4. Барои чӣ манзараҳои табиати кишварро муҳофизат кардан лозим аст?

## Тестҳо

1. Ҳарорати оби чашмаи Хоҷаобигарм чанд дараҷа аст?

А) 70 дараҷа;
Б) 90 дараҷа;
В) 74 дараҷа;
Г) 86 дараҷа;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Ҳар кас бояд манзараҳои табиати маҳалли худро донад ва ____________ намояд.

### Луғат

***Манзара*** – дидгоҳ, назаргоҳ, он ҷӣ ба назар намоён аст.

***Беназир*** **–** бемисл, бемонанд.

***Кон*** - маконе, ки дар он канданиҳои фоиданоки табиӣ бисёр аст, маъдан.

## § 4. ҶАШНҲОИ МИЛЛӢ – НАВРӮЗ ВА МЕҲРГОН

- *Кадом идҳоро медонед?*
- *Дар маҳалли зисти шумо кадоми онро ҷашн мегиранд?*
- *Дар бораи иди Наврӯз нақл кунед.*

Ҳар як халқу миллат ид ва ҷашнҳои миллии ба худ хос дорад. Тоҷикон низ идҳои миллии худро доранд. Наврӯз ва Меҳргон аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

**Наврӯз** иди қадимаи тоҷикон мебошад. Онро гузаштагони мо ҳазорҳо сол пеш ҷашн мегирифтанд. Ҳар сол 21-уми март дар кишвари мо Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Ҷашни Наврӯз ба фасли баҳор, айёми киштукори деҳқонон рост меояд. Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз мардум либоси идона пӯшида, ба сайругашт мебароянд ва хурсандӣ мекунанд. Дастархони идонаи наврӯзиро бо суманак ва ҳар гуна таомҳои миллӣ оро медиҳанд.




Дар рӯзҳои наврӯзӣ мусобиқаҳои гӯштингирӣ, бузкашӣ, ресмонкашӣ ва дигар бозиҳои шавқовари варзишӣ барпо мегарданд.



*Гӯштингирӣ*



*Ресмонкашӣ*

Наврӯзро на фақат дар Тоҷикистон, балки дар бисёр мамлакатҳои дунё (Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва ғайра) ҷашн мегиранд.

**Меҳргон** низ яке аз идҳои миллии мо – тоҷикон мебошад. Меҳргон ба фасли тирамоҳ рост меояд. Дар Ватани мо иди Меҳргонро ҳамчун мавсими ҷамъоварии ҳосил ҷашн мегиранд. Дар давраи ҷашни Меҳргон ҳосили зироатҳои ғалладона ва полизӣ тайёр мешаванд. Деҳқонон ҳосили

меваю сабзавотро меғундоранд. Рӯйи дастархонро аз дастранҷи кишоварзон оро медиҳанд.



*Дастранҷи боғбон ва деҳқон*

## Кори амалӣ

Нақшаи зерро дар дафтар тасвир кунед ва онро идома дода, хусусияти идҳои миллиро дар нақша нависед:



## Худро санҷед:

1. Кадом идҳои миллии тоҷиконро медонед?
2. Хусусиятҳои иди Наврӯзро номбар кунед.
3. Дар Наврӯз кадом намуди таомҳоро мепазанд?
4. Меҳргон дар кадом фасли сол ҷашн гирифта мешавад?
5. Нишонаҳои иди Меҳргонро гӯед.

## Тестҳо

1. Хусусияти иди Наврӯз ва Меҳргонро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Наврӯз | А) Мавсими ҷамъоварии ҳосил аст; |
| 2. Меҳргон | Б) Суманак тайёр мекунанд; |
| | В) Бозиҳои шавқовар ташкил мекунанд; |
| | Г) Ба фасли тирамоҳ рост меояд; |

Ҷавоб: 1- 2-

2. Ҷумларо пурра кунед.

Ба идҳои миллии тоҷикон __________ ва _________ дохил мешаванд.

## Луғат

***Айём*** – вақт, даврон, замон.
***Дастранҷи деҳқон*** – маҳсули меҳнати дасти деҳқон.
***Оро*** – зебу зинат.
***Кишоварзон*** – деҳқонон, боғдорон.

# II. ТАБИАТ ВА ГУНОГУНИИ ОН

## §5. ҚИСМҲОИ ҒАЙРИЗИНДА ВА ЗИНДАИ ТАБИАТ

- *Ба атроф нигаред ва ашёро номбар кунед (ашёи аз синфхона берунро ҳам).*
- *Онҳоро ба кадоме аз ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст?*
- *Ҷадвали зерро дар дафтар тасвир кунед ва номи ашёи атрофро дар он нависед.*

| Мавҷудоти ғайризинда | Мавҷудоти зинда |
|---|---|
| | |

- *Барои сабзишу инкишофи рустаниҳо ва зиндагии ҳайвонот чӣ лозим аст?*

Ҳамаи ашё ва ҳодисаҳое, ки моро иҳота кардаанд, ҷузъҳои табиат мебошанд. Рустаниҳо, ҳайвонот, боришот, абрҳо, вазидани шамол, дарёҳо, кӯлҳо, пиряххо, кӯҳҳо, рангинкамон ин ҳама ашё ва ҳодисаҳои табиатанд. Мавҷудоти табиатро ба ду қисм ҷудо мекунанд – **ғайризинда** ва **зинда**.

Офтоб, ситораҳо, ҳаво, об, санг – ҳамаи ин қисмҳои **ғайризиндаи табиат** мебошанд.

Рустаниҳо, ҳайвонот, занбӯруғҳо, одамон қисми **зиндаи табиатро** ташкил медиҳанд. Мавҷудоти зинда нафас мекашанд, ғизо мегиранд, инкишоф меёбанд, насл медиҳанд ва мемиранд.

Расми поёнро бодиққат мушоҳида кунед ва мазмуни онро шарҳ диҳед.




Байни қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат алоқамандии зич мавҷуд аст. Масалан, Офтоб барои мавҷудоти зинда манбаи гармӣ ва равшанӣ мебошад. Ба мавҷудоти зинда, инчунин ҳаво ва об лозим аст. Бе қисми ғайризиндаи табиат мавҷудоти зинда (наботот, ҳайвонот ва одамон) вуҷуд дошта наметавонанд.

**Ч** Чистонҳои зерин ба қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат дахл доранд. Ҷавоби онҳоро ёбед:

1. *Чист он луъбате, ки ҷонаш нест,*
   *Сулфаҳо мекунад, даҳонаш нест.*
   *Гиряҳо мекунад, надорад чашм,*
   *Хандаҳо мекунад, лабонаш нест.*

2. *Он чист раванда по надорад?*
   *Дорад даҳану забон надорад.*
   *Дар даст гирӣ – лағжону ваҳшӣ,*
   *Сад чӯб занӣ – фиғон надорад.*

## Кори амалӣ

Нақшаи зерро таҳлил кунед ва онро давом диҳед. Аломатҳои қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиатро дар нақша нависед:




## Худро санҷед:

1. Ба табиат чиҳо дохил мешаванд?
2. Қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиатро номбар кунед.
3. Табиати ғайризинда аз табиати зинда чӣ фарқ дорад?
4. Байни табиати ғайризинда ва табиати зинда кадом алоқаҳо вуҷуд доранд?

## Тестҳо

1. Кадоме аз ашё ва мавҷудоти зерин ба табиати зинда дохил намешавад?

А) Қанд;
Б) Рустанӣ;
В) Паранда;
Г) Одам;

2. Кадоме аз ашё ва мавҷудоти зерин ба табиати ғайризинда дохил намешавад.

А) Қанд;
Б) Ҳаво;
В) Об;
Г) Гург;

**Луғат**

***Ашё*** **–** ҷамъи шайъ, чизҳо, чизу чора.

***Пирях*** – яхе, ки дар давоми солҳои зиёд аз ҳисоби захираи барф ба вуҷуд омадааст. Масалан, яххои ғафси доимии болои кӯҳҳо.

***Наботот*** – рустаниҳо

***Рангинкамон*** – нимдоираи рангоранге, ки вақти борон дар осмон намудор мешавад. Онро камони Рустам низ мегӯянд.

***Мавҷудот*** **–** ҷамъи мавҷуд, ҳар чизе, ки вуҷуд дорад.

***Луъбат*** – бозича, лухтак.

## §6. АШЁИ ТАБИӢ ВА СУНЪӢ

- *Оид ба ашёи атроф маълумот диҳед.*
- *Чиро ашёи табиӣ ва чиро ашёи сунъӣ меноманд?*

Дар табиат ашёи зиёде мавҷуданд. Ҳамаи онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: ашёи табиӣ ва ашёи сунъӣ (бо дасти инсон сохташуда).

Ба ашёи табиӣ санг, хок, об, ҳаво, ситора, Офтоб, Моҳтоб, олами наботот, ҳайвонот ва ғайра дохил мешаванд.



*Ашё ва мавҷудоти табиӣ*

Ба ашёи сунъӣ хона, китоб, либос, зарфҳо, автомобил, радио ва монанди инҳо дохил мешаванд. Ашёи сунъӣ дар табиат ба шакли  тайёр мавҷуд нестанд. Онҳоро одам бо қувваи ақлу дастони худ месозад.

Одамон барои сохтани ашёи сунъӣ аз ашёи табиӣ истифода мебаранд. Масалан, мизу курсиро аз чӯби рустаниҳо, чарми пойафзолро аз пӯсти ҳайвонот, асбобҳои рӯзгорро аз филизот (оҳан, мис, алюминий) месозанд.



*Ашё ва мавҷудоти сунъӣ*

**Ч** Чистони зер ба яке аз ашёи сунъи дар расми боло тасвиршуда тааллуқ дорад. Ҷавоби онро ёбед.

> *Як порча замин доштем,*
> *Тухми сиёҳаш коштем.*
> *Бо чашми худ бидидем,*
> *Бо ақли худ шинохтем.*

Ашёи сунъӣ барои зиндагии одамон ниҳоят заруранд. Масалан, одам бо мошини сохтаи худ ба роҳҳои дур сафар карда метавонад.

## ✓ Кори амалӣ

Ҷадвали зерро дар дафтаратон тасвир кунед. Номи ашёи табиӣ ва сунъиро аз рӯйи расмҳои боло дар ҷадвал нависед:

| Ашё ва мавҷудоти табиӣ | Ашё ва мавҷудоти сунъӣ |
| --- | --- |
| | |

## ? Худро санҷед:

1. Ашёи табиӣ ва сунъиро номбар кунед.
2. Ашёи сунъӣ аз табиӣ чӣ фарқ дорад?
3. Ашёи сунъӣ барои чӣ лозиманд?
4. Одам ашёи табииро чӣ гуна истифода мебарад?

## Тестҳо

1. Санг, хок, об, ҳаво ба кадом гурӯҳи ашё дохил мешаванд?

А) Ашёи сунъӣ;
Б) Ашёи табиӣ;

2. Ашёи бо дасти инсон сохташударо муайян кунед.

А) Дарахт;
Б) Қурбоққа;
В) Компютер;
Г) Ҳаво;

3. Ҷумларо пурра кунед.

Одамон барои сохтани ашёи сунъӣ аз ашёи _________ истифода мебаранд.

## Луғат

***Филизот*** – ҷамъи филиз, унсури кимиёии содаи дорои ҷилои махсус

## §7. ДАР БОРАИ ОСМОНУ СИТОРАҲО ЧИРО БОЯД ДОНЕМ?

- *Ба фикри шумо, шумораи ситораҳо чӣ қадар аст?*
- *Оё бо тайёра то ситораҳо парвоз кардан мумкин аст?*

Агар шабона дар вақти ҳавои соф ба осмон нигарем, ситораҳоро мебинем. Онҳо ба чашми мо мисли шуълаҳои хурди дурахшон менамоянд. Ситораҳо дар осмон ниҳоят зиёданд. Гарчанде ситораҳо ба чашми мо хурд намоянд ҳам, дар асл онҳо калонанд. Барои он хурд менамоянд, ки аз Замин хеле дур ҷойгиранд.



*Осмони ситоразор*

Ситораҳо ҷисми тафсонанд. Ҳарорати онҳо ниҳоят баланд аст. Равшании ситораҳо аз ҳисоби гармии онҳост. Олимон ситораҳои осмонро ба гурӯҳҳо ҷудо кардаанд ва онҳоро бурҷ номидаанд. Бурҷҳо гурӯҳи ситораҳое мебошанд, ки нисбатан ба ҳам наздик ҷойгир шудаанд. Дар осмон якчанд бурҷи ситораҳоро ҷудо мекунанд.

Офтоб ҳам яке аз ситораҳо мебошад. Офтоб нисбат ба дигар ситораҳо ба Замин наздиктар ҷойгир шудааст. Аз ин сабаб мо равшанӣ ва гармии онро ҳис мекунем. Офтоб барои табиати атроф аҳамияти калон дорад. Бе нури Офтоб одамон, рустаниҳо, ҳайвонот ва дигар мавҷудоти зинда ҳаёт ба сар бурда наметавонанд.



*Дурахши Офтоб дар осмон*

Бачаҳо Офтобро ҳар хел тасвир мекунанд:



*Офтоби ман*

## Ч Ҷавоби чистонро ёбед:

*Чист он, ки дар тори сар,*
*Менамояд нон барин.*
*Нигоҳ кунам, дурахшон,*
*Чароғи тобон барин.*

## Кори амалӣ

Расми Офтобро тасвир кунед ва дар бораи он ду-се ҷумла нависед.

## ? Худро санҷед:

1. Ситора чист?
2. Чаро ситораҳо равшанӣ медиҳанд?
3. Бурҷ чист?
4. Офтоб ҳам ситора мебошад. Чаро ситораҳо хурду Офтоб дар назари мо калон менамояд?

## Тестҳо

1. Ситораҳо барои он равшанӣ медиҳанд, ки;
   - А) онҳо ҷисми тафсонанд;
   - Б) онҳо ҷисми сарданд;
   - В) Офтоб онҳоро равшан мекунад;
   - Г) ба Замин наздиканд.
2. Ҷумларо пурра кунед.

Офтоб нисбат ба дигар ситораҳо ба Замин __________ ҷойгир шудааст.

## Луғат

***Шуъла*** – alangаи оташ; равшанӣ.

***Дурахш*** – аз худ нурпошӣ, нурфишонӣ кардан.

## §8. ТИРАМОҲ – ФАСЛИ ЗАРРИНИ СОЛ

- *Кадом фаслҳои солро медонед?*
- *Фасли тирамоҳ кадом моҳҳоро дар бар мегирад?*
- *Хазонрез гуфта чиро мефаҳмед?*
- *Обу ҳавои фасли тобистонро бо тирамоҳ муқоиса карда, оид ба тағйирёбии он маълумот диҳед.*

Тобистон Офтоб дар осмон баланд ҷойгир шуда, рӯзҳо дароз буданд. Аз ин рӯ, Замин гармиро зиёд мегирифт.

Ҳоло – фасли тирамоҳ, Офтоб дар осмон на он қадар баланд ҷойгир аст. Рӯзҳо нисбат ба фасли тобистон кӯтоҳ ва ҳаво салқин шудааст. Баъзан дар тирамоҳ саҳаргоҳон дар рӯйи алафҳо ва боми хонаҳо шабнам ва қирав пайдо мешавад. Аз рӯйи пайдоиши қирав фаҳмидан мумкин аст, ки шаби гузашта хунук буда, оби таркиби ҳаво дар рӯйи алаф яхча кардааст.

Дар тирамоҳ борон, жола ва баъзан барф борида, ҳодисаи раъду барқ ба амал меояд. Охирҳои фасли тирамоҳ боронҳо ба барф табдил меёбанд ва мо наздик омадани фасли зимистонро ҳис мекунем.



Набототва ҳайвонот дар тирамоҳ ба фасли зимистон тайёрӣ мебинанд. Барги дарахтон зард шуда, мерезанд, бинобар ин, тирамоҳро фасли заррин мегӯянд. Парандаҳои мавсимӣ ба ҷойҳои гарм кӯчида мераванд. Баъзе ҳайвонҳо дар давоми тобистон ва тирамоҳ хӯроки зиёд истеъмол карда, фарбеҳ мешаванд. Онҳо охири тирамоҳ ба хоби зимистона мераванд.



*Манзараи тирамоҳ*

Одамон дар тирамоҳ ба ҷамъоварии ҳосил машғул мешаванд. Онҳо низ ба зимистон тайёрӣ мебинанд – ангишт ва ҳезум ҷамъоварӣ намуда, барои хӯроки зимистона меваю сабзавоти тару тоза захира мекунанд. Инчунин меваҳоро мехушконанд. Аз онҳо мураббою шарбат низ тайёр менамоянд.

## Кори амалӣ

Расми манзараи тирамоҳро бодиққат мушоҳида кунед. Оид ба он якчанд ҷумла нависед.

## Худро санҷед:

1. Аломатҳои фасли тирамоҳро номбар кунед.
2. Чаро дар тирамоҳ ҳаво салқин мешавад?
3. Сабаби пайдоиши шабнам ва қиравро фаҳмонед.
4. Барои чӣ тирамоҳро фасли заррин мегӯянд?
5. Сабаби дар фасли тирамоҳ кӯч бастани парандаҳои мавсимиро фаҳмонед.
6. Шуғли одамон дар тирамоҳ аз чӣ иборат аст?

## Тестҳо

1. Ҳарорати ҳаво дар фасли тирамоҳ чӣ гуна аст?
   - А) Гарм;
   - Б) Ниҳоят хунук;
   - В) Салқин;
   - Г) Хунук;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Набототу ва ҳайвонот дар тирамоҳ ба фасли зимистон ________ мебинанд.

## Луғат

***Шабнам*** – заррахои обе, ки шабона ё наздики субҳ дар рӯйи сабза, барги гулу гиёҳҳо пайдо мешаванд.

***Қирав*** – шабнами яхбастаи барфрезамонанд, ки шабона дар ҳавои сард дар рӯйи барги дарахтон ва сабзаҳо пайдо мешавад.

***Заррин*** – тиллоӣ, зард.

## §9. ҲОДИСАИ ТАБИӢ ЧИСТ?

- *Кадом ҳодисаҳои табииро медонед?*
- *Дар бораи яке аз ҳодисаҳои табиӣ нақл кунед.*

Дар табиат доимо тағйирот ба амал меояд. Саҳар Офтоб мебарояд ва бегоҳ фурӯ меравад. Об аз хунукӣ ба ях табдил меёбад ва аз гармӣ боз об шуда, буғ мешавад. Рустаниҳо баргу поя, гулу мева ва тухм ҳосил мекунанд. Парандаҳои мавсимӣ пеш аз саршавии зимистон кӯчида, ба мавзеъҳои гарм мераванд ва танҳо фасли баҳор бармегарданд. Ҳамаи тағйироте, ки дар табиат ба амал меояд, онро ҳодисаи табиӣ меноманд.

**Ч** **Чистонро ёбед:**

*Якто камони нозанин,*
*Аз осмон то бар Замин.*

Дар расмҳои зерин якчанд ҳодисаҳои табиӣ нишон дода мешавад, шумо номи онҳоро дар дафтаратон нависед. Фикр кунед ва гӯед, ки онҳо кадом ҳодисаҳои табиӣ мебошанд.







Бештари ҳодисаҳои табиӣ ба фаслҳои сол (мавсимҳо) вобастагӣ доранд. Бинобар ин, онҳоро ҳодисаҳои мавсимӣ меноманд. Барг кардан ва хазон шуда рехтани барги рустаниҳо, кӯчида рафтан ва баргашта омадани парандагон, ба амал омадани раъду барқ ва боришот – ҳамаи ин ҳодисаҳои мавсимӣ мебошанд. Чунки ин ҳодисаҳо дар мавсимҳои муайян рӯй медиҳанд.

## Кори амалӣ

1. Ҷадвали зерро дар дафтаратон тасвир кунед. Ҳодисаҳои табиии ҳар як фасли солро дар сутунчаҳои мувофиқ нависед.

| Баҳор | Тобистон | Тирамоҳ | Зимистон |
|---|---|---|---|
| | | | |

2. Оид ба тағйироте, ки дар табиати маҳалли зисти шумо рӯй медиҳад, ҳикоя нависед.

## ? Худро санҷед:

1. Ҳодисаи табиӣ чист?

2. Якчанд ҳодисаҳои табииро номбар кунед.

3. Аз рӯйи расмҳои боло ҳодисаҳои табииро шарҳ диҳед.

4. Ҳодисаҳои табииро ба фаслҳои сол ҷудо кунед.

5. Чаро баъзе парандагон дар фасли тирамоҳ ҷойи зисташонро дигар мекунанд?

## Тестҳо

1. Ҳодисаи табиӣ чист? (Ҷавоби нодурустро ёбед).

А) Саҳар Офтоб мебарояд;
Б) Рустаниҳо инкишоф меёбанд;
В) Раъду барқ ба амал меояд;
Г) Одамон хона месозанд.

2. Ҷумларо пурра кунед.

Бештари ҳодисаҳои табиӣ ба фаслҳои сол вобастагӣ доранд, ки онҳоро ҳодисаҳои ____________меноманд.

## Луғат

***Фаслҳои сол*** – як сол аз чор фасл иборат мебошад: тирамоҳ, баҳор, тобистон ва зимистон.

***Мавсим*** – вақт, яке аз давраҳои фаслҳои сол.

## §10. ЧАРО ОБУ ҲАВО ТАҒЙИР МЕЁБАД?

- *Кадом вақт ҳаво гарм мешавад: моҳи январ ё июл? Чаро?*
- *Обу ҳаворо чиҳо ташкил медиҳанд?*
- *Оид ба обу ҳавои маҳаллатон нақл кунед.*

Ҳарорат, абрнокӣ, боришот ва бод (шамол) обу ҳаворо ташкил медиҳанд. Ҳолати ҳаворо дар вақту ҷойи муайян **обу ҳаво** мегӯянд.

Обу ҳаво доимо якхел набуда, мунтазам тағйир меёбад. Масалан, фасли баҳор ё тирамоҳ дар давоми як шабонарӯз обу ҳаво чанд маротиба дигаргун мешавад. Саҳар рӯзи офтобӣ, нисфирӯзӣ бод вазида, абрҳо пайдо мешаванд ва борон меборад. Баъд аз чанд вақт боз абрҳо пароканда шуда, Офтоб намоён мешавад. Сабаби асосии тағйирёбии обу ҳаво ба гармии Офтоб ва ивазшавии фаслҳои сол вобаста аст.

**Ҳарорати ҳаво.** Ҳарорати ҳаво бо асбоби махсус – ҳароратсанҷ чен карда мешавад. Ба расмҳои зер нигаред, дар дохили ҳароратсанҷ моеъи махсус (симоб) ҷойгир аст. Он аз таъсири гармӣ васеъ шуда, ба боло мебарояд. Аз хунукӣ фишурда шуда, ба поён мефарояд. Рақамҳо дараҷаи гармӣ ва хунукии ҳаворо нишон медиҳанд. Агар ҳароратсанҷ аз $0^0$ (дараҷа) болоро нишон диҳад, ҳаво гарм аст. Дар ҳолати хунук будани ҳаво моеъи дохили ҳароратсанҷ аз $0^0$ (дараҷа) поёнро нишон медиҳад. Гармиро бо аломати «+» ва хунукиро бо аломати «–» ишора мекунанд.




*Намудҳои гуногуни ҳароратсанҷ*

**Боришот чист?** Боришот аз абрҳо ба замин рехтани об дар шакли борон, жола ва барф мебошад. Дар баҳорон бештар борону жола ва зимистон барф мебОрад. Дар фасли баҳор ва тирамоҳ раъду барқ ба амал меояд. Ҳангоми раъду барқ бояд эҳтиёт шавем, зеро қувваи барқ метавонад ба одам зиён расонад.

**Ч** **Чистон**

*Шатар шутур беором,*
*Шӯлапазӣ рӯйи бом.*




*Намудҳои гуногуни боришот*

**Бод (шамол).** Ҳаво доимо ҳаракат мекунад. Ҳаракати ҳаворо бод меноманд. Бодҳо суст, миёна ва сахт мевазанд. Боди сахт метавонад хона ва дарахтонро чаппа кунад.

## Тавсияҳо барои мушоҳидаи обу ҳавои маҳал

Шумо метавонед обу ҳавои маҳаллатонро мушоҳида кунед ва натиҷаҳои онро дар муҳлати як ҳафта, як моҳ, як фасли сол ва тамоми сол ба дафтари мушоҳидаҳо гузаронед. Барои осон шудани кор аз аломатҳои шартии зерин истифода баред.

Аломатҳои шартӣ барои мушоҳидаи ҳолати ҳаво (осмон):

 - осмони соф

 - ҳавои тағйирёбанда

 - ҳавои абрнок

Аломатҳои шартӣ барои мушоҳидаи боришот:

 - борон

 - барф

 - жола

 - туман

Аломатҳои шартӣ барои нишон додани қувваи бод (шамол):

 - бешамол

 - шамоли қуввааш суст

 - шамоли қуввааш миёна

 - шамоли қуввааш сахт

Намунаи ҷадвали моҳонаи мушоҳидаи обу ҳаво

| Моҳ | О К Т Я Б Р | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Рӯзҳои ҳафта | Душанбе | Ҷумъа | Душанбе | Ҷумъа | Душанбе | Ҷумъа | Душанбе | Ҷумъа |
| Сана | 02. 10 | 06. 10 | 09. 10 | 13. 10 | 16. 10 | 20. 10 | 23. 10 | 27. 10 |
| Ҳолати ҳаво | ○ | ○ | ○ | ◐ | ◐ | ● | ◐ | ○ |
| Боришот | | | | | |  | | |
| Қувваи бод |  |  |  |  |  |  |  |  |
| Ҳарорати ҳаво | $+27^0$ | $+27^0$ | $+25^0$ | $+23^0$ | $+24^0$ | $+20^0$ | $+22^0$ | $+24^0$ |

Ҷадвали боло танҳо намуна аст. Нишондодҳои обу ҳавои маҳалли шумо метавонанд дигар хел бошанд. Аҳамияти мушоҳида ва тартиб додани ҷадвал дар он аст, ки шумо оид ба обу ҳавои маҳалли худ маълумоти бештар дошта бошед.

## Худро санҷед:

1. Обу ҳаво чист?
2. Омилҳоеро, ки обу ҳаворо ташкил медиҳанд, номбар кунед.
3. Кадом намуди боришотро медонед?
4. Аломати онҳоро шарҳ диҳед.
5. Хелҳои бодро номбар кунед.
6. Дар бораи ҳароратсанҷ маълумот диҳед.

## Тестҳо

1. Таърифи обу ҳаворо ёбед:
   А) саҳар Офтоб мебарояд, бегоҳ фурӯ меравад;
   Б) ҳолати ҳаво дар вақти муайян ва ҷойи муайян;
   В) ба амал омадани раъду барқ дар баҳор;
   Г) вазидани бод дар фасли тирамоҳ.

2. Ҷумларо пурра кунед.
Дар баҳорон бештар ____________________ ва зимистон __________ меборад.

## Луғат

***Аломатҳои шартӣ*** – аломатҳое мебошанд, ки барои осон шудани кор истифода мебаранд.

***Раъд*** – ғуррише, ки аз ҳаракати абр шунида мешавад.

## §11. ОБ ДАР ТАБИАТ ХОСИЯТҲОИ ОБ

- *Дар маҳалли шумо кадом манбаъҳои об мавҷуданд?*
- *Оид ба обҳои маҳалли худ маълумот диҳед.*

Об дар кураи Замин ба миқдори зиёд паҳн гаштааст. Аз чор се ҳиссаи сатҳи Заминро об ишғол мекунад. Қисми зиёди оби кураи Замин дар баҳру уқёнусҳо ҷойгир шудааст.



*Уқёнус*

Об якчанд хосиятҳо дорад. Ҳоло бо хосиятҳои асосии об шинос мешавем.

***Хосияти 1.*** Оби тоза ранг, бӯй ва маза надорад.

***Хосияти 2.*** Об дар се ҳолат буда метавонад - моеъ, сахт ва буғ.



*Се ҳолати об*

Оби дарё, кӯл, чашма ва баҳру уқёнусҳо дар ҳолати моеъ мебошанд. Дар фасли зимистон ҳаво хунук мешавад ва об аз таъсири хунукӣ ба ях табдил меёбад. Заррачаҳои барф ва донаҳои жола оби яхкарда мебошанд. Об мечӯшад. Ҳангоми ҷӯшидани об мо буғро мушоҳида мекунем. Яъне об ба ҳолати газмонанд табдил меёбад. Абр ва туман аз буғи об иборатанд.

***Хосияти 3.*** Об ҳалкунанда аст. Об дар табиат бисёр моддаҳоро дар худ ҳал мекунад. Масалан, намак дар об ҳал шуда, нопадид мешавад ва мо маҳлули онро ба даст меорем.

***Хосияти 4.*** Об шакли муайян надорад. Он дар куҷое, ки мавҷуд бошад, шаклашро ба ҳамон ҷо мувофиқ мекунад.



*Об дар дохили зарфҳои гуногуншакл*

***Хосияти 5.*** Об ҷоришаванда аст. Агар шумо мушоҳида карда бошед, об ҳамеша аз баландӣ ба поён ҷорӣ мешавад.



Об манбаи ҳаёт ва муъҷизаи табиӣ аст. Бе об олами зинда вуҷуд дошта наметавонад. Об барои сабзидани рустаниҳо ва зинда мондани ҳайвонҳо зарур аст. Тозаю беолоиш нигоҳ доштани об вазифаи ҳар яки мост!

## Кори амалӣ

1. Таҷриба.

Ба истакон оби гарм резед ва ду қошуқ шакар ҳамроҳ кунед. Онро бо қошуқча бо тадриҷ якчанд дақиқа кофта, омехта кунед. Чиро мушоҳида кардед? Мушоҳидаҳои худро дар дафтар нависед.

2. Нақшаи зерро дар дафтар тасвир намоед ва доирачаҳои онро бо номи хосиятҳои об пур кунед:




## ? Худро санҷед:

1. Об чист?
2. Хосиятҳои оби тозаро гӯед.
3. Се ҳолати обро шарҳ диҳед.
4. Оид ба хосияти ҳалкунандагии об аз ҳаёт мисол оред.
5. Истифодаи обро аз тарафи инсон шарҳ диҳед.

## Тестҳо

1. Ях кадом ҳолати об аст?
   А) Моеъ;
   Б) Газ;
   В) Буғ;
   Г) Сахт;
2. Ҷумларо пурра кунед.

Тозаю беолоиш нигоҳ доштани об __________ ҳар яки мост.

## Луғат

***Туман*** – ҳавои ғайришаффофи пур аз буғҳои об, ки ба гарду чанг омехта шудааст.

***Муъҷиза*** – аҷибу ҳайратовар.

***Уқёнус*** – сатҳи яклухти оби Замин

## § 12. БОЙИГАРИҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

- *Кадом хели бойигариҳои табииро медонед?*
- *Дар маҳалли шумо кадом намуди он вуҷуд дорад?*
- *Оид ба тарзи истифодаи ин бойигариҳо нақл кунед.*

Дар зери Замин, асосан ҷинсҳои кӯҳӣ мавҷуданд. Онҳо аз конҳои ҳархела иборатанд. Ҷинсҳои кӯҳӣ ва конҳое, ки инсон истифода мебарад, канданиҳои фоиданок ном доранд.

Канданиҳои фоиданок ба хелҳои маъданӣ, ғайримаъданӣ ва сӯзишворӣ ҷудо мешаванд. Канданиҳои фоиданоки маъданӣ шакли сахт ва ранги гуногун доранд. Ба ин гурӯҳ маъдани оҳан, тилло, нуқра ва дигар металлҳои ранга мисол шуда метавонад.



**Тилло**



**Нуқра**

*Канданиҳои фоиданоки маъданӣ*

Намаксанг, рег ва оҳаксанг канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ мебошанд. Рег ва оҳаксангро барои сохтмон ва ороиши биноҳову роҳҳо истифода мебаранд. Намаки оширо аз намаксанг истеҳсол мекунанд. Мо намаки оширо дар хӯрок истифода мебарем. Аз ин сабаб номашро намаки ошӣ гузоштаанд.



*Намаки ошӣ*

Нафт, газ ва ангишт канданиҳои фоиданоки сӯзишворӣ мебошанд. Ин канданиҳои фоиданок хосияти сӯзандагӣ доранд. Одамон онҳоро бо мақсади гуногун истифода мебаранд. Аз нафт намудҳои гуногуни сӯзишворӣ, бензин, керосин, солярка ва мазут истеҳсол мекунанд.




*Маҳсулоти нафтӣ*

Бензин, керосин ва солярка барои ба ҳаракат даровардани муҳаррики нақлиёт лозиманд. Аксари мо барои

пухтани хӯрок аз газ истифода мебарем. Ангиштро мо дар фасли зимистон барои гарм кардани хонаҳои худ истифода мебарем.

## Худро санҷед:

1. Кандании фоиданок гуфта чиро мефаҳмед?
2. Канданиҳои фоиданок ба кадом хелҳо ҷудо мешаванд?
3. Оид ба ҳар як намуди канданиҳои фоиданок мисолҳо оред.
4. Маҳсулоти нафтиро номбар кунед ва истифодаи онҳоро шарҳ диҳед.
5. Ангишт ба кадом гурӯҳи канданиҳои фоиданок дохил мешавад?

## Тестҳо

1. Ҷинсҳои кӯҳӣ ва конҳое, ки инсон истифода мебарад, ________ ном доранд. Ҷавоби дурустро аз поён интихоб кунед:

А) регу шағал;
Б) сангу хок;
В) канданиҳои фоиданок;
Г) хӯрокҳои бомаза;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Канданиҳои фоиданок ба хелҳои маъданӣ, ғайримаъданӣ ва ____________ ҷудо мешаванд.

## Луғат:

***Маъдан*** – кон, ҷойи филизот (металлҳо), санг ва ғайра, ки аз замин канда мебароранд. Масалан, кони сангҳои қиматбаҳо, тилло, нуқра, оҳан ва ғайра.

***Муҳаррик*** – ба ҳаракат оваранда, ҳаракатдиҳанда.

## §13. РУСТАНИҲО ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО

- *Рустанӣ чист?*
- *Рустаниҳо ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?*
- *Оид ба рустаниҳои алафӣ, буттагӣ ва дарахтӣ мисол оред.*

**Сохти умумии рустанӣ.** Рустанӣ организми зинда аст. Рустаниҳо ба мисли ҳайвонот ғизо мегиранд, месабзанд ва афзоиш мекунанд. Ҳар як рустанӣ аз реша, поя, навда, барг ва гул иборат мебошад. Барг, гул ва меваи рустаниҳо дар навдаи он ҷой мегиранд. Ба расми зер нигаред.

**Узвҳои рустании гулдор**




**Аҳамияти рустаниҳо барои табиат.** Табиатро бе рустанӣ тасаввур кардан мумкин нест. Аксари ҳайвонот рустаниҳоро истеъмол мекунанд. Рустаниҳо ба табиат зебоӣ медиҳанд. Онҳо манбаи нафаскашии организмҳои зинда мебошанд. Рустаниҳо ҳаворо аз гарду чанг тоза мекунанд.

**Аҳамияти рустаниҳо барои одам.** Одамон рустаниҳоро, асосан ҳамчун ғизо истифода мебаранд. Рустаниҳо барои одам манбаи витамин ва моддаҳои доруворӣ мебошанд.

## Ч Чистон

*Як модари сабзина, кӯдаки заррин дорад.*
*Кӯдак аз парпечи худ, ришашро мебарорад.*

Ҷавоби чистонро ёбед. Дар чистон рустание оварда шудааст, ки одам онро ҳамчун ғизо истифода мебарад.

Одамон, инчунин аз рустаниҳои нахдор матоъҳои гуногун тайёр мекунанд.



*Пахта – рустании нахдиҳанда*



*Ришта, газвор ва либоси пахтагӣ*

Чӯбу тахтаи рустаниҳо дар сохтани хонаҳо истифода мешаванд. Баъзе намуди рустаниҳоро барои зебу зинат ва ороиш истифода мебаранд.

**Ҳифзи рустаниҳо.** Рустаниҳо дар табиат сол то сол кам шуда истодаанд. Баъзе одамон дарахтон ва буттаҳоро бераҳмона бурида, нест мекунанд. Аз ин хотир, ба мо зарур аст, ки рустаниҳоро муҳофизат намоем. Агар мо шохи дарахтонро нашиканем, баргу гули онҳоро наканем, дар ҳифзу нигоҳдории рустаниҳо саҳми худро мегузорем.



*Муносибати нодурусти баъзе одамон бо рустаниҳо*

## ? Худро санҷед:

1. Узвҳои асосии рустаниро номбар кунед.

2. Аҳамияти рустаниҳо дар табиат ва ҳаёти одам аз чӣ иборат аст?

3. Чаро мо рустаниҳоро муҳофизат мекунем?

4. Роҳҳои ҳифзи рустаниҳои маҳаллатонро гӯед.

## Тестҳо

1.Кадоме аз ин узвҳо дар рустанӣ вуҷуд надорад?

А) Барг;
Б) Поя;
В) Реша;
Г) Чашм;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Барг, гул ва меваи рустаниҳо дар __________ он ҷой мегиранд.

## Луғат

***Витамин*** – моддаҳои барои организми одам ва ҳайвонот фоидаовар.

***Рустаниҳои нахдиҳанда*** – баъзе рустаниҳо дар таркибашон нах доранд, ки аз онҳо ришта тайёр мекунанд. Масалан, нахи пахта.

## §14. ОЛАМИ ҲАЙВОНОТ

- *Дар маҳалли шумо кадом намуди ҳайвонот зиндагӣ мекунанд?*
- *Оид ба тарзи зиндагии онҳо нақл кунед.*

Ба расмҳои зерин нигаред ва муайян кунед, ки онҳо ба кадом гурӯҳҳои олами ҳайвонот дохил мешаванд.



Аз рӯйи хешӣ ва ҷиҳати монандӣ ҳайвонотро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Ҳайвонҳое, ки дар расми боло оварда шудаанд, намояндагони гурӯҳҳои ҳашарот, моҳиҳо, обхокиҳо, хазандаҳо, парандаҳо ва ширхӯрон мебошанд. Ин ҳайвонҳо дар табиат бештар ба чашм мерасанд. Ҳайвонҳое ҳам ҳастанд, ки мо онҳоро кам мебинем. Дар синфҳои болоӣ шумо боз бо дигар намояндагони олами ҳайвонот шинос хоҳед шуд.

**Аҳамияти ҳайвонот барои табиат.** Ҳайвонҳо, пеш

аз ҳама ба табиат зебоӣ медиҳанд. Баъзе ҳайвонҳо барои ҳайвонҳои дигар манбаи ғизо мебошанд. Ҳайвонҳои дарандаро “санитарҳои табиат” низ меноманд. Онҳо ҳайвонҳои бемору заифро хӯрда, пеши роҳи паҳншавии бемориҳоро дар байни олами ҳайвонот мегиранд.



*Паланг ва гург – ҳайвонҳои даранда*

**Аҳамияти ҳайвонот барои инсон.** Инсон аз ҳайвонот маҳсулоти ғизоӣ, аз қабили гӯшт, шир, равған, тухм ва ғайра мегирад. Барои либосворӣ чарм ва пашм ба даст меоранд. Аз ҳашарот асал (аз занбӯри асал) ва нах (аз кирми пилла) мегиранд. Баъзе ҳайвонҳоро барои корҳои хоҷагӣ истифода мебаранд. Одамон, инчунин ҳайвонҳоро барои намуди зебояшон ва овози форами хонишашон низ нигоҳубин ва парвариш мекунанд.

Шумораи ҳайвонҳо дар табиат рӯз то рӯз кам шуда истодааст, зеро одамон онҳоро бераҳмона шикор мекунанд. Бинобар ин, мо бояд ҳайвонҳоро аз нобудшавӣ муҳофизат кунем.

## Кори амалӣ

Диаграммаи зерро дар дафтаратон тасвир кунед. Дар он ҷиҳатҳои фарққунанда ва монандии наботот ва ҳайвонотро нишон диҳед:




## Худро санҷед:

1. Гурӯҳҳои ҳайвонҳоро номбар кунед.
2. Аҳамияти ҳайвонҳоро дар табиат шарҳ диҳед.
3. Ҳайвонҳо барои инсон чӣ фоида меоранд?
4. Роҳҳои ҳифз намудани ҳайвонҳои маҳаллатонро бигӯед.

## Тестҳо

1. Аз занбӯри асал кадом намуди маҳсулотро ба даст меоранд?

А) Асал;
Б) Пилла;
В) Шир;
Г) Гӯшт;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Ҳайвонҳои дарандаро "санитарҳои ____________ " меноманд.

## Луғат

***Пилла*** – ғӯзаи кирми абрешим, ки аз он нах ҳосил мешавад.

***Санитари табиат*** – тозакунандаҳои табиат аз ҳайвонҳои бемор.

## §15. ЗИМИСТОН – ФАСЛИ САРМО

- *Кадом аломатҳои фасли зимистонро медонед?*
- *Зимистони маҳалли шумо чӣ гуна аст?*
- *Шумо дар фасли зимистон иҷрои кадом корҳоро дӯст медоред?*

Зимистон моҳҳои декабр, январ ва февралро дар бар мегирад. Дар ин фасл ҳаво хунук шуда, барфи зиёд меборад. Аз ин хотир, зимистонро фасли сармо мегӯянд.





*Ҳолати табиат дар фасли зимистон*

Дар фасли зимистон барги рустаниҳо пурра мерезанд. Парандаҳои мавсимӣ дар охирҳои фасли тирамоҳ кӯчида, ба ҷойҳои гарм мераванд. Хирс, хорпушт, мор ва баъзе намуди ҳашарот зимистонро бо хоб мегузаронанд. Онҳо дар ғорҳо, таги хок, зери алафу хазонреза барои худ ҷойи гарм пайдо карда, зимистонро мегузаронанд.

Дар зимистон барои парандагон пайдо кардани хӯрок душвор мегардад. Бинобар ин, бояд мо дар ин вақт донхӯрак созем ва ба онҳо дон диҳем.



*Намунаи донхӯрак барои парандаҳо*

Бачаҳо фасли зимистонро дӯст медоранд. Онҳо яхмолакбозӣ мекунанд, аз барф бобои барфӣ ва ҳар гуна шаклҳо месозанд. Вале бояд фаромӯш накунем, ки ҳангоми бозӣ либоси гарми зимистона пӯшидан лозим аст.




*Бозиҳои зимистонаи бачаҳо*

Одамон дар фасли зимистон Соли нави мелодиро ҷашн мегиранд. Солшумории мелодӣ аз 1-уми январ оғоз меёбад.

## Кори амалӣ

Расмҳои болоро бодиққат аз назар гузаронед, оид ба ҳар кадоми он яктогӣ ҷумла нависед.

## Худро санҷед:

1. Моҳҳои фасли зимистонро номбар кунед.
2. Оид ба ҳаёти зимистонаи наботот ва ҳайвонот маълумот диҳед.
3. Нишонаҳои зимистонро номбар кунед.
4. Аломатҳои фарқкунандаи зимистон аз дигар фаслҳо дар чист?
5. Шуғли бачаҳоро дар зимистон гӯед.

## Тестҳо

1. Кадоме аз ҳайвонҳои зерин зимистонро бо хоб мегузаронад?

А) Асп;
Б) Хирс;
В) Шер;
Г) Гург;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Дар зимистон барои парандагон пайдо кардани хӯрок душвор мегардад. Мо бояд барои онҳо __________ созем.

## Луғат

***Сармо*** – хунукӣ, сардӣ.
***Солшуморӣ*** – меъёри гузашти солҳо аз як вақти маълум.

## §16. ГӮШАИ ЗИНДА ДАР МАКТАБ

- *Шумо дар хона кадом ҳайвонҳоро нигоҳ медоред?*
- *Оид ба тарзи нигоҳубини ҳайвонҳои хонагӣ маълумот диҳед.*

**Гӯшаи зинда чист?** Одамон бо мақсади гуногун ҳайвонҳоро дар ҷойи махсус нигоҳ медоранд, ки онро гӯшаи зинда гуфтан мумкин аст. Дар гӯшаи зинда натанҳо ҳайвонот, инчунин рустаниҳоро низ парвариш кардан мумкин аст.

Дар мактабҳо бояд гӯшаи зинда вуҷуд дошта бошад.

Гӯшаи зиндаи мактаб барои омӯзиши сохт ва тарзи ҳаёти рустанӣ ва ҳайвонот лозим мебошад.



*Гӯшаи зинда дар мактаб*

Гӯшаи зиндаи мактабро дар дарсҳои табиатшиносӣ истифода мебаранд. Хонандагон якҷоя бо омӯзгор дар гӯшаи зиндаи мактаб кор мекунанд. Хонандагон рафтори ҳайвонот ва сабзиши рустаниҳоро мушоҳида намуда, ба саволҳои омӯзгор ҷавоб медиҳанд. Натиҷаи корашонро дар дафтар қайд мекунанд.



*Омӯзиш дар гӯшаи зиндаи мактаб*

Гӯшаи зиндаи мактабро эҳтиёт кардан лозим аст. Бо маслиҳати омӯзгор хонандагон метавонанд гӯшаи зиндаи синфашонро бонавбат нигоҳубин намоянд. Бе иҷозати омӯзгор ба ҳайвоноти гӯшаи зинда хӯрок додан, ё ба онҳо даст расонидан мумкин нест.





*Нигоҳубини ҳайвонҳои гӯшаи зинда*

Баъзе одамон дар хонаи худ гӯшаи зинда ташкил мекунанд.

## Кори амалӣ

Расмҳои болоро мушоҳида кунед ва оид ба онҳо ҳикояи хурд нависед.

## Худро санҷед:

1. Дар гӯшаи зинда чиҳо ҷой дода мешаванд?
2. Мақсади ташкили гӯшаи зинда аз чӣ иборат аст?
3. Хонандагон барои нигоҳубини гӯшаи зинда чӣ кор карда метавонанд?
4. Дар хонаи кадоме аз шумо гӯшаи зинда мавҷуд аст? Оид ба он нақл кунед.
5. Оид ба намунаҳои гӯшаи зиндаи мактаб ҳикоя кунед.

## Тестҳо

1. Гӯшаи зинда аз чӣ иборат аст?
   А) Танҳо аз рустаниҳо;
   Б) Танҳо аз ҳайвонот;
   В) Ҷойи муайян аст;
   Г) Ҳайвонот, рустаниҳо ва ҷойи муайян;

2. Гӯшаи зиндаи мактабро барои чӣ истифода мебаранд?
   А) Тамошо;
   Б) Омӯзиш;
   В) Зеби мактаб;
   Г) Нигоҳубин;

## §17. ҲИФЗИ ТАБИАТ

- *Чаро мо бояд табиатро ҳифз кунем?*
- *Ҳолати табиати маҳалли зисти шумо чӣ гуна аст?*
- *Дар бораи манбаъҳои ифлосии маҳалли зисти худ нақл кунед.*

**Харобиҳои табиат.** Табиати зебои олам имрӯз ба мушкилот дучор гаштааст. Ин чӣ гуна мушкилот аст? Ҳавое, ки нафас мегирем, обе, ки менӯшем ва бо он хӯрок тайёр мекунем, қисман ифлос шудаанд. Ғайр аз ин шумораи набототу ҳайвонот кам шуда, баъзе намуди онҳо тамоман аз байн рафтаанд. Ҳамаи ин нишонаи харобиҳои табиат мебошад.



*Корхонаҳои саноатӣ – ифлоскунандаи ҳаво*

**Барои хароб шудани табиат кӣ гунаҳкор аст?** Агар шумо аҳамият дода бошед, баъзе одамон дарахтонро мебуранд, ҳайвонҳоро шикор карда, ба нестшавӣ мерасонанд. Баъзе заводу фабрикаҳо ва нақлиёт ба миқдори зиёд

моддаҳои заҳрнокро хориҷ мекунанд, ки ба ҳаво ва об таъсири манфӣ мерасонанд ва ҳамаи ин боиси харобшавии табиат мегардад. Барои ифлосшавӣ ва харобшавии табиат, асосан баъзе одамон гунаҳкор мебошанд.



*Ифлоскунандаи манбаъҳои обӣ*

**Табиатро аз харобшавӣ бо кадом воситаҳо ҳифз кардан мумкин аст?** Одамон қудрату тавоноӣ доранд, ки табиатро аз харобшавӣ муҳофизат кунанд. Масалан:

- онҳо метавонанд корҳои кабудизоркунӣ (шинонидани дарахту буттаҳо, бунёди боғҳо)-ро ба роҳ монанд; ба ҷойи дарахтони буридашуда ва дар заминҳои бекорхобида бояд ниҳоли нав шинонанд;
- ҳайвонҳоро шикор накунанд, ё муҳлат ва меъёри шикори онҳоро риоя кунанд. Барои ҳифзи ҳайвонот ва набототи нодир миқдори мамнуъгоҳҳоро зиёд намоянд;
- ба табиат ҳар гуна ифлосиҳоро напартоянд. Барои партофтани партов ҷойҳои махсус мавҷуд аст.

Шумо низ, бачаҳои азиз, дар ҳифзи табиати маҳалли зисти худ саҳм гузошта метавонед. Коғазпора ва ҳар гуна ифлосиҳоро ба атроф напартоед. Дар корҳои кабудизоркунӣ ба калонсолон ёрӣ расонед.



*Кабудизоркунӣ бо иштироки хонандагон*

## Кори амалӣ

Ҷадвали зеринро дар дафтар тасвир карда, фикрҳои худро дар он нависед.

| Ифлоскунандаҳои табиат | Роҳҳои ҳифзи табиат |
|---|---|
| | |

## Худро санҷед:

1. Харобшавии табиат чист?
2. Сабабгори харобшавии табиат кист?
3. Ба рафтори харобкунандаҳои табиат баҳо диҳед.
4. Роҳҳои аз харобшавӣ ҳифз намудани табиатро фаҳмонед.
5. Шумо оид ба ҳифзи табиат кадом корҳоро иҷро карда метавонед?

## Тестҳо

1. Барои ифлосшавии табиат, асосан кӣ гунаҳкор аст?

   А) Наботот;
   Б) Баъзе одамон;
   В) Ҳайвонот;
   Г) Обу ҳаво;

2. Кадом роҳҳои муҳофизати табиатро медонед?

   А) Шинонидани рустаниҳо;
   Б) Набуридани дарахту буттаҳо;
   В) Шикор накардани ҳайвонот;
   Г) Ҳамаи ҷавобҳои боло дурустанд;

## Луғат:

***Моддаҳои заҳрнок*** – ҳар гуна моддаҳое, ки таъсири зиёновар доранд.

***Мамнуъгоҳ*** – ҳудуди табиие, ки шикори ҳайвонот ва буридани рустаниҳо дар он манъ карда шудааст.

***Ифлосӣ*** **–** чиркинӣ, олудагӣ.

## III. САЛОМАТӢ ВА БЕХАТАРИИ ҲАЁТ

### §18. БАДАНИ ОДАМ АЗ КАДОМ УЗВҲО ИБОРАТ АСТ?

- *Узвҳои бадани одамро номбар кунед.*
- *Оид ба кори яке аз узвҳо нақл кунед.*

Бадани одам аз узвҳои зиёд иборат аст. Узвҳо фаъолияти ҳаётии инсонро таъмин менамоянд. Узвҳои бадани инсонро ба узвҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо мекунанд. Чашм, даҳон, бинӣ, гӯш, абру, даст ва пой узвҳои берунии инсон мебошанд.

Аз рӯйи расм номи узвҳои бо рақамҳо ишорашударо муайян кунед ва дар дафтар нависед.



## Ч Чистон

*“А” гуфтам, нарасиданд,*
*“Б”, ки гуфтам – расиданд.*

Агар ҷавоби чистонро ёбед, номи яке аз узвҳои берунии одамро пайдо мекунед.

Ба узвҳои дохилӣ устухонҳо, мағзи сар, шуш, дил, ҷигар, меъда, рӯдаҳо ва ғайра дохил мешаванд. Узвҳои берунии одамро бо чашм дидан ва мушоҳида кардан мумкин аст. Узвҳои дохилиро дида наметавонем, зеро онҳо дар зери пӯст ва дохили организм ҷойгиранд.




*Узвҳои дохилии одам*

Дар бадани инсон ҳар як узв вазифаи муайянеро иҷро мекунад. Масалан, чашм барои дидан, гӯш барои шунидан, бинӣ барои ҳис кардани бӯй, дил барои ба ҳаракат даровардани хун, шуш барои нафас кашидан, меъдаю рӯда барои ҳазм кардани хӯрок ва ғайра хизмат мекунанд.

Ҳамаи узвҳои бадани одам бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Агар ягон узви бадан касал шавад, ба фаъолияти узвҳои дигар низ таъсир мерасонад. Чуноне ки шоир гуфтааст:

***Чу узве ба дард оварад рӯзгор,***
***Дигар узвҳоро намонад қарор.***

*Саъдии Шерозӣ*

Бинобар ин, мо бояд ҳамеша кӯшиш кунем, ки бадани худро аз таъсири хунукӣ, гармии зиёд, ҳар гуна зарбаҳо ва дигар омилҳои беруна нигоҳ дорем.

## Кори амалӣ

Ҷадвали зерро дар дафтар тасвир карда, номи узвҳои берунӣ ва дохилии одамро дар он нависед:

| Узвҳои берунӣ | Узвҳои дохилӣ |
| --- | --- |
| | |

## Худро санҷед:

1. Кадом узвҳои бадани инсонро медонед?
2. Узвҳои берунии инсон аз дохилӣ чӣ фарқ доранд?
3. Вазифаи узвҳои бадани инсонро бигӯед.
4. Чаро мо узвҳои бадани худро эҳтиёт мекунем?

## Тестҳо

1. Ба узвҳои берунӣ кадоме аз ин узвҳо дохил намешавад?
   - А) Чашм;
   - Б) Даҳон;
   - В) Пой;
   - Г) Рӯда;

2. Узви дохилии одамро ёбед.
   - А) Дил;
   - Б) Чашм;
   - В) Гӯш;
   - Г) Даст;

3. Ҷумларо пурра кунед.

Ҳамаи узвҳои бадани одам бо ҳамдигар ____________ мебошанд.

## Луғат

***Узв*** – як қисми бадан. Масалан, даст, пой ва монанди инҳо.

## §19. БЕҲДОШТИ САЛОМАТӢ

- *Саломатӣ чист?*
- *Барои беҳдошти саломатӣ одам бояд чӣ кор кунад?*

Саломатӣ муҳимтарин бойигарии инсон мебошад. Одами солим фикри солим дошта, барои ҷамъият фоида меорад. Агар одам солим будан хоҳад, бояд аз рӯйи реҷаи муайяни шабонарӯзӣ амал намояд. Риояи реҷаи шабонарӯзӣ ба одам имкон медиҳад, ки саломатиашро хуб нигоҳ дорад ва ҳамаи корҳояшро сари вақт иҷро кунад. Намунаи реҷаи шабонарӯзии мактаббача метавонад чунин бошад:

- саҳар аз хоб барвақт хестан;
- машғул шудан ба варзиши пагоҳирӯзӣ;
- шустани дасту рӯй ва дандонҳо;
- истеъмоли хӯроки наҳорӣ;
- пӯшидани либосҳои мактабӣ ва рафтан ба мактаб;
- баъди баргаштан аз мактаб, либоси мактабиро бо либоси хонагӣ иваз кардан;
- шустани дасту рӯй ва истеъмоли хӯроки нисфирӯзӣ;
- машғул шудан ба бозӣ ва ёрӣ ба падару модар дар корҳои хона;
- шустани дасту рӯй ва истеъмоли хӯроки шом;
- тайёр кардани вазифаи хонагӣ;
- тамошои барномаҳои телевизионӣ;
- шустани дандонҳо ва хоб кардан.



*Варзиш гарави саломатист*

Одам бояд дар давоми ҳафта як-ду маротиба баданашро бо собун шӯяд. Ҳафтае як маротиба нохунҳои даст ва дар ду ҳафта як маротиба нохунҳои пояшро гирад. Истеъмоли ғизои тоза, хусусан меваю сабзавот барои инкишофи бадан муҳим аст. Ҳар як одам бояд ашёи гигиенаи шахсиро дошта бошад. Ба ашёи гигиенаи шахсӣ мисвок (чӯтка), хамираи дандоншӯйӣ, собун, сачоқ ва монанди инҳо дохил мешаванд.




*Ашёи гигиенаи шахсӣ*

Як мисвок (чӯтка) ё сачоқро истифода бурдани ҳамаи аъзои оила мумкин нест. Дуруст гуфтаанд, ки «Ақли солим – тани солим».

## Кори амалӣ

Реҷаи рӯзи худро тартиб диҳед ва онро дар дафтаратон нависед. Реҷаи тартибдодаи худро ба ҳамсинфон шинос кунед.

## Худро санҷед:

1. Мафҳуми саломатиро шарҳ диҳед.
2. Реҷаи шабонарӯзӣ барои чӣ лозим аст?
3. Барои нигоҳ доштании саломатӣ инсон чӣ корҳоро бояд анҷом диҳад?
4. Ашёи гигиенаи шахсиро номбар кунед.

## Тестҳо

1. Кадоме аз намунаҳои зер боиси саломатӣ мегардад?
   - А) Хӯрдани ғизои бисёр;
   - Б) Бисёр хоб рафтан;
   - В) Ба варзиш машғул шудан;
   - Г) Ба тозагӣ риоя накардан;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Истеъмоли ғизои тоза, хусусан меваю _________ барои инкишофёбии бадан муҳим аст.

3. Реҷаи шабонарӯзӣ барои одам чӣ аҳамият дорад?

А) Одам саломатиашро нигоҳ медорад ва ҳамаи корҳояшро саривақт иҷро мекунад;

Б) Саҳар аз хоб барвақт мехезад;

В) Либоси мактабиашро бо либоси хонагӣ иваз мекунад;

Г) Барномаҳои телевизиониро тамошо мекунад.

## Луғат

***Беҳдошт*** – дар ҳолати хуб нигоҳ доштани саломатӣ.

***Гарав*** – вобаста, восита. Роҳу воситаи боэътимод.

***Гигиена*** – нигоҳдории тандурустӣ.

## §20. ҲАЁТАТРО ЗЕРИ ХАВФ НАГУЗОР!

- *Кадом қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳро медонед?*
- *Зарбулмасали “Эҳтиёт – ними ҳаёт”-ро шарҳ диҳед.*

Ҳар рӯз мо ҳангоми рафтан ба мактаб дар кӯча аз роҳи мошингард мегузарем ё ба нақлиёти мусофирбар савор мешавем. Аз ин рӯ, ҳаёти худро эҳтиёт кардан зарур аст. Ҳаёти худро дар роҳҳои мошингард чӣ гуна эҳтиёт кардан мумкин аст? Барои ба ин савол ҷавоб додан мо бояд қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои мошингардро хуб донем ва риоя кунем. Он одамоне, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳро намедонанд ё риоя намекунанд, ҳаёти худро зери хавфу хатар мегузоранд.




***Ҳамеша ин қоидаҳоро дар хотир нигоҳ доред ва риоя кунед:***

1. Барои аз роҳ гузаштан ҳама вақт аз гузаргоҳҳои махсус, ки барои пиёдагардон пешбинӣ шудааст, истифода баред;





*Аломати гузаргоҳи рӯйизаминӣ барои пиёдагардон*

*Аломати гузаргоҳи зеризаминӣ*

2. Ҳеҷ гоҳ дар роҳе, ки мошинҳо ҳаракат мекунанд, гаштугузор накунед;

3. Роҳи мошингардро аз ҷое, ки чароғи роҳнамо ё аломати гузаргоҳ мавҷуд аст, гузаред;

4. Рангҳои танзимкунандаи чароғи роҳнаморо дар хотир гиред: сурх – истед, зард – омода бошед, сабз – гузаред;




*Рангҳои танзимкунандаи чароғи роҳнамо*

5. Ҳангоми гузаштан аз роҳи мошингард саросема нашавед, аввал ба тарафи чап ва баъди ба нисфи роҳ расидан ба рост нигаред;

6. Агар гузаргоҳи зеризаминӣ мавҷуд бошад, ҳатман аз он гузаред;

7. Нақлиёти мусофирбарро танҳо дар истгоҳҳо интизор шавед;

8. Дар дохили нақлиёти мусофирбар ба қоидаҳои одобу ахлоқ риоя кунед.

## Кори амалӣ

1. Ҷадвали зерро дар дафтаратон тасвир кунед.

| Рафтори дуруст | Рафтори нодуруст |
| --- | --- |
| | |

Мисолҳоеро, ки дар зер оид ба рафтори дуруст ё нодурусти бачаҳо оварда шудаанд, бодиққат хонед. Ҳарферо, ки ин рафторҳо ишора шудаанд, дар сутунҳои мувофиқи ҷадвал гузоред.

*А) Писарак ба мактаб дер карда истода буд ва аз роҳи мошингард давида гузашт.*

*Б) Духтарак роҳро аз ҷое, ки аломати пиёдагузар гузошта шуда буд, гузашт. Аз сабаби он ки аломат дуртар ҷойгир буд, духтарак вақти зиёдеро сарф кард.*

*В) Бачаҳо аз мактаб баромаданд ва хеле саросема буданд. Онҳо ранги сабзи чароғи роҳнаморо интизор нашуда, аз роҳ гузаштанд.*

*Г) Хонандагон ба автобус савор шуданд. Онҳо дар автобус бо овози паст суҳбат мекарданд. Пиразане ба автобус савор шуд. Яке аз хонандагон ба ӯ ҷой дод.*

## ? Худро санҷед:

1. Қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳро номбар кунед.
2. Вазифаи чароғи роҳнаморо гӯед.
3. Рангҳои сабз, зард ва сурхи чароғи роҳнаморо шарҳ диҳед.
4. Шумо кадом аломатҳои бехатарии ҳаракат дар роҳро медонед?
5. Чаро мо ба талаботи аломатҳои роҳ риоя мекунем?

## Тестҳо

1. Маънои зарбулмасали *“Эҳтиёт – ними ҳаёт”* чист?

А) Ҳангоми гузаштан аз роҳҳои мошингард давидан лозим;

Б) Ҳангоми гузаштан аз роҳҳо эҳтиёткор будан лозим;

В) Роҳро аз куҷое, ки хоҳем мегузарем;

Г) Ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ риоя кардан шарт нест;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Одамоне, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳро риоя намекунанд, ҳаёти худро зери ________ мегузоранд.

## §21. ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ХАТАРИ ОНҲО

- *Кадом офатҳои табииро медонед?*
- *Дар маҳалли зисти шумо кадоме аз онҳо рӯй медиҳад?*
- *Оид ба зарари яке аз офатҳои табиӣ нақл кунед.*

Ба офатҳои табиӣ заминларза, сел, обхезӣ, фаромадани тарма, ярч, сангғелон, тӯфон, жола, ҳуҷуми ҳашарот ва ғайра дохил мешаванд. Асосан офатҳои табиӣ ин ҳодисаҳои табиӣ мебошанд. Вақте ки онҳо аз ҳад зиёд шуда, ба ҷону моли одамон ва табиат таҳдид мекунанд, ба офат табдил меёбанд. Ҳама гуна офат ба одамон ва табиат зарар мерасонад. Дар бораи офатҳое, ки дар Ватани мо – Тоҷикистон бештар рӯй медиҳанд, каме маълумот медиҳем.

**Заминларза** (зилзила) яке аз офатҳои табиии харобиовар мебошад, ки дар Ватани мо зуд-зуд рух медиҳад. Заминларзаи сахт биноҳо, роҳҳо ва дигар иншоотро хароб мекунад. Заминларзаро аниқ пешгӯӣ карда намешавад. Бинобар ин, аз рӯйи зарбулмасали *“Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ”* амал кардан лозим аст. Барои эҳтиёт аз заминларза ҳар ях шахс пеш аз сохтани бинои хона, бояд роҳи баромад ва таъмини ҷойҳои бехатари ҷамъшавӣ дар ҳавлиро ба ҳисоб гирад. Дар вақти заминларза бояд оромиро нигоҳ дошт. Дар куҷое, ки бошед, ҷойи наздиктарини бехавфро интихоб намуда, дар ҳамон ҷо истед. Ба ҳар тараф давидан мумкин нест.



*Заминларзаи харобиовар*

**Сел ва обхезӣ** низ офатҳои табиии харобиовар мебошанд. Ин офатҳо бештар ба мардуме, ки дар соҳили дарёҳо ва дараҳои роҳи селрав зиндагӣ мекунанд, зарар мерасонанд. Сел ва обхезӣ боиси вайрон шудани биноҳо, роҳҳо, зарар дидани киштзорҳо ва фавти мавҷудоти зинда мегардад.



*Зарари сел*

**Фаромадани тарма** бештар дар кӯҳҳо ва минтақаҳои наздикӯҳӣ мушоҳида мешавад. Тӯдаи барфу ях бо суръати баланд ба поён фаромада, дар сари роҳаш ҳама чизро рӯфта

мебарад. Ҳодисаҳое маълуманд, ки тарма сайёҳон, иншооти гуногун ва деҳаҳоро зер карда, зарари зиёд овардааст.



*Лаҳзаҳои фаромадани тарма*

Ҳар як шахс бояд пешакӣ дар бораи хавфу хатари офатҳои табиӣ бо аҳли оила ва ҳамсояҳо маслиҳат карда, якҷоя нақшаи имконпазири халосӣ аз хатари онҳоро тартиб диҳанд.

## Ч Чистон

*Ҳасан яке сафар кард,*
*Сад қишлоқро хабар кард.*

## Кори амалӣ

Дунафара кор кунед:

- якҷоя маслиҳат намуда, офати аз ҳама хатарноки маҳалли худро муайян кунед.
- роҳҳои кам кардани зарари онро нишон диҳед.
- фикрҳоятонро дар дафтар нависед ва ба ҳамсинфон ва омӯзгор пешниҳод намоед.

## Худро санҷед:

1. Офати табиӣ чист?
2. Кадом офатҳои табииро медонед?
3. Зилзила чӣ гуна зарар мерасонад?
4. Аз сел ва обхезӣ кадом одамҳо бештар зарар мебинанд?
5. Фаромадани тармаро дар куҷо мушоҳида кардан мумкин аст?
6. Зарбулмасали *“Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ”*-ро шарҳ диҳед.

## Тестҳо

1. Ақидаҳои дурустро интихоб кунед:

А) ҳама гуна офат ба одамон ва табиат зарар мерасонад;
Б) иваз шудани шабу рӯз офати харобиовар аст;
В) заминларза дар Ватани мо зиёд рух медиҳад;
Г) сел ва обхезӣ офатҳои харобиовар мебошанд;
Ғ) хатари офатҳоро кам карда намешавад;
Д) тарма дар сари роҳаш ҳама чизро рӯфта мебарад.

2. Ҷумларо пурра кунед.

Ҳар як одам бояд пешакӣ бо аҳли оила маслиҳат карда, нақшаи имконпазири халосӣ аз ____________ тартиб диҳанд.

## Луғат

***Офат*** – зарар; ҳар чизе, ки харобӣ меоварад.
***Вуқӯъ*** – ба амал омадан, рӯй додан, сар задан.
***Ярч*** – канда шуда омадани хок, сангреза ва лойоб.

## §22. АЗ СӮХТОР ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

- *Сӯхтор чист?*
- *Бо кадом сабабҳо сӯхтор сар мезанад?*
- *Роҳҳои пешгирӣ аз сӯхтор кадомҳоянд?*

Сӯхтор яке аз ҳодисаҳои даҳшатноке мебошад, ки аксар вақт аз беэҳтиётии одамон сар мезанад. Дар натиҷаи сӯхтор одамон, ҳайвонот, наботот, хонаҳо, биноҳо, воситаҳои нақлиёт ва дигар асбобу ашёи рӯзгор зарар мебинанд.



*Сӯхтор дар хонаи истиқоматӣ*

Сабабҳои асосии сар задани сӯхтор инҳоянд:

- ✓ бо гӯгирд ва дигар ашёи оташангез бозӣ кардан;
- ✓ аз асбобҳои барқии рӯзгор нодуруст истифода бурдан;
- ✓ асбобҳои вайронаи барқиро истифода кардан (асбобе, ки ноқилаш луч аст ва ғайра);
- ✓ бе иҷозат ва назорати калонсолон аз асбобҳои барқӣ истифода бурдан ва бо оташ кор кардани кӯдакон.

Ҳангоми сар задани сӯхтор чӣ бояд кард? Рафторҳои дурусте, ки ҳар як шахс дар вақти сар задани сӯхтор бояд анҷом диҳад, инҳоянд:

- ✓ зуд ба рақами 01 занг зада, аз ҳодиса огоҳ кардан. (01 рақами телефони кормандони хадамоти оташнишонӣ аст);

**Ба рақами 01 занг занед!**



- ✓ худ ва наздиконро аз оташ дар канор гирифтан;
- ✓ калонсолонро ба ёрӣ даъват кардан;
- ✓ агар оташ хурд бошад, то омадани калонсолон ва кормандони хадамоти зиддисӯхтор худамон фавран онро хомӯш мекунем. Мо метавонем аз матои ғафс (кӯрпа, кампал ё либоси ғафс) истифода кунем. Болои оташро бо ин гуна матоъ пӯшонидан лозим аст. Агар асбоби барқӣ сӯхта истода бошад, об пошидан мумкин нест. Обро ҳангоми сӯхтани коғаз, чӯб, кӯрпа ё дигар ашёи муқаррарӣ пошидан мумкин аст.

- ✓ агар бовар дошта бошед, ки оташро хомӯш карда наметавонед, зуд аз хона баромада, дарро маҳкам пӯшед, чунки агар ба оташ ҳаво расад, вай шиддат мегирад. Агар дар хона хоҳар ё додари хурдиатон бошанд, онҳоро низ ҳамроҳи худ аз хона ба берун бароред, зеро хона пурдуд шуда, одам беҳуш мешавад.
- ✓ ҳангоми аз хона баромадан ҳамсояҳо ва одамони аз пешамон баромадаро огоҳ мекунем, ки дар хонаамон сӯхтор ба амал омадааст.
- ✓ дар берун барои худ ягон ҷойи бехатарро интихоб намуда, то омадани кормандони хадамоти оташнишонӣ мунтазир мешавем.



*Кормандони хадамоти оташнишонӣ ҳангоми хомӯш намудани сӯхтор*

## ✓ Кори амалӣ

Ҷадвали зерро дар дафтаратон тасвир кунед. Ашёи хонаро, ки сабаби ба вуҷуд омадани сӯхтор мешаванд, дар сутуни якуми ҷадвал нависед. Тарзи бехатари истифодаи онҳоро дар сутуни дуюм нависед.

| Номи ашё | Тарзи бехатари истифодаи ашё |
| --- | --- |
| | |

## Худро санҷед:

1. Сӯхтор дар кадом ҳолат сар мезанад?
2. Оид ба зарари сӯхтор маълумот диҳед.
3. Дар ҳолати ба амал омадани сӯхтор шумо чӣ корҳоро анҷом медиҳед?
4. Рақами 01 чиро мефаҳмонад?

## Тестҳо

1. Рақами 01 чӣ гуна хизматрасонӣ аст?
   - А) Кормандони ҳифзи табиат;
   - Б) Ёрии таъҷилии тиббӣ;
   - В) Милитсия;
   - Г) Хадамоти оташнишонӣ.

2. Ҳангоми сар задани сӯхтор чӣ бояд кард? (Ҳарфи ҷавоби нодурустро дар давра гиред).
   - А) Зуд кормандони 01-ро огоҳ мекунем;
   - Б) Калонсолонро ба ёрӣ даъват мекунем;
   - В) Ба ҳеҷ кас хабар надода, аз хона мебароем;
   - Г) Агар оташ хурд бошад, худамон хомӯш мекунем.

## Луғат

***Хадамот*** **–** ҷамъи калимаи хидмат, хизмат.

***Оташнишонӣ*** **–** идора ё сохторе, ки вазифаи пешгирии сӯхторро дорад.

## §23. АЗ ҲАЙВОНОТ, НАБОТОТ ВА ЗАНБӮРУҒҲОИ ЗАҲРНОК ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

- *Кадом ҳайвонҳои заҳрдорро медонед?*
- *Оё рустаниҳо ҳам заҳрнок мешаванд?*
- *Барои чӣ “аз занбӯруғ эҳтиёт шав” мегӯянд?*
- *Оид ба ҳодисаи зарар дидани одамон аз ҳайвонот, рустаниҳо ё занбӯруғҳои заҳрнок нақл кунед.*

Ҳар як одам дар оғӯши табиат зиндагӣ мекунад. Тамоми ҳаёти мо бо табиат вобаста аст. Мо баъзан нафаҳмида аз баъзе намояндагони олами наботот, ҳайвонот ва занбӯруғҳои дар табиат мавҷудбуда зарар мебинем. Худро аз мавҷудоти заҳрнок чӣ гуна бояд эҳтиёт намуд?

Пеш аз ҳама, ҳар як шахс бояд донад, ки дар маҳалли зисти худ кадом намуди мавҷудоти зиндаи заҳрнок мавҷуданд. Онҳо ба одам чӣ гуна зарар расонида метавонанд.

**Ҳайвонҳои заҳрнок.** Ба ҳайвонҳои заҳрноки Тоҷикистон мор, каждум ва ғунда дохил мешаванд. Онҳо дар мавзеъҳои гуногуни табиат (дашт, саҳро, биёбон ва кӯҳсор) паҳн гаштаанд. Заҳри ин ҳайвонот ба организми инсон таъсири сахт мерасонад. Агар саривақт ба духтур муроҷиат накунем моро ба ҳалокат мерасонад. Бинобар ин, вақте ки мо ба сайру гашт ва тамошои табиат мебароем, аз ин ҳайвонҳо эҳтиёт шудан лозим аст. Агар, тасодуфан шахсе аз ин ҳайвонҳо зарар бинад, ҳатман ба миқдори ду-се пиёла об нӯшида, зуд ба духтур муроҷиат кунад.



*Ғунда*



*Каждум*

**Ч Чистон**

*Бесадо равуояш,*
*Набинӣ дасту пояш.*



Дар табиат рустаниҳои заҳрнок низ вуҷуд доранд. Намояндагони чунин рустаниҳо банги девона, мастак ва ғайра

мебошанд. Хӯрдани ин рустаниҳо одамро ҳатто ба ҳалокат мерасонад. Баъзе рустаниҳои дигар мавҷуданд, ки ҳангоми ба пӯсти инсон расидани онҳо сӯзиш пайдо мешавад. Ҷойи зарардидаи бадан сурх шуда, варам мекунад. Масалан, рустании юған ва сӯзгиёҳ чунин таъсир мерасонанд.



*Банги девона*



*Мастак*



*Сӯзгиёҳ (газна)*



*Юған*

Мо занбӯруғро дӯст медорем. Дар маҳалҳо мардум онро хоч, қорч, чағора меноманд. Аз он хӯроки болаззат пухтан мумкин аст. Вале баъзан мешунавем, ки одамон аз занбӯруғ заҳролуд шудаанд. Маълум мешавад, ки на ҳамаи занбӯруғҳо

хӯрданибобанд. Баъзе намуди занбӯруғҳо заҳрноканд ва ҳангоми истеъмол одамро ба ҳалокат мерасонанд. Бинобар он, ҳангоми ҷамъоварии занбӯруғ эҳтиёткор буда, бояд занбӯруғҳои заҳрнокро аз истеъмолшаванда (хӯрданбоб) фарқ карда тавонем.



*Занбӯругҳои безаҳр*



*Занбӯругҳои заҳрнок*

## Кори амалӣ

Нақшаи зерро дар дафтар тасвир намуда, онро пур кунед:

| Ҳайвонҳои заҳрнок | Рустаниҳои заҳрнок | Занбӯруғҳои заҳрнок |
|---|---|---|
| | | |

## Худро санҷед:

1. Кадом ҳайвоноти заҳрнокро медонед?
2. Онҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд?
3. Ҳангоми аз ҳайвонҳои зарҳдор зарар дидан чӣ бояд кард?
4. Рустаниҳои заҳрнокро номбар кунед.
5. Аз занбӯруғҳои заҳрнок чӣ тавр бояд худро ҳифз кард?

## Тестҳо

1. Кадоме аз ин ҳайвонот заҳрдоранд?

А) Боҳтур;
Б) Мор;
В) Фароштурук;
Г) Шабпарак;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Ҳангоми зарар дидан аз рустаниҳо, ҳайвонот ва занбӯруғҳои заҳрнок зуд ба __________ муроҷиат кардан лозим аст.

## §24. ФАСЛИ БАҲОР

- *Фасли баҳор кадом моҳҳоро дар бар мегирад?*
- *Нишонаҳои фасли баҳорро номбар кунед.*
- *Шумо баҳорро аз кадом ҷиҳат дӯст медоред?*

Баҳор фасли зеботарини сол мебошад. Дар баҳор қисмати табиати зинда аз хоби зимистона бедор мешавад. Ҳама ҷо сабза дамида, рустаниҳо гул мекунанд. Аз сабаби зебо буданаш фасли баҳорро “арӯси сол” мегӯянд.




Обу ҳавои фасли баҳор сербориш аст. Баъзан рӯйи осмонро абрҳои ғафс фаро мегиранд. Борони майда ва баъзан жола меборад.



*Манзараи табиати баҳор - гулафшонии дарахтон дар боғ*

Дар фасли баҳор рӯзҳо тадриҷан дароз шуда, ҳарорати ҳаво гарм мешавад. Дар рӯзҳои борони баҳорӣ баъди баромадани Офтоб ҳодисаи пайдо шудани рангинкамонро мушоҳида кардан мумкин аст.

Парандаҳо дар фасли баҳор ба лонасозӣ оғоз мекунанд. Парандаҳои мавсимӣ аз маконҳои зимистонгузаронӣ баргашта меоянд. Баъзан барои лонасозӣ ба парандагон ҷой намерасад. Аз ин хотир, мо бояд аз ашёи дастрас хоначаҳо сохта, дар тана ё шохаҳои дарахтон овезон кунем.

Ҳайвонҳое, ки ба хоби зимистона рафта буданд (хирс, хорпушт) бедор мешаванд. Ҳашарот низ фаъол шуда, дар рӯйи гулу гиёҳ парвоз мекунанд. Занбӯрҳои асал шарбати гулҳоро ҷамъ меоранд. Асал фаровон мешавад.



*Намунаи лонаи сохтаи одам барои парандаҳо*

Деҳқонон дар фасли баҳор ба киштукор машғул мешаванд. Онҳо вақтро хеле самаранок истифода мебаранд. Агар дар мавриди кишт андаке дер кунанд, зироатҳо метавонанд ҳосили хуб ба бор наоранд. Инро деҳқонон хуб медонанд. Вобаста ба ин фасли сол онҳо чунин мегӯянд: “як рӯзи баҳор, пур кунад анбор”.

## Кори амалӣ

Рӯ ба рӯйи Офтоб истода, дар шуои он оби аз баландӣ ба поён ҷоришударо мушоҳида кунед. Чиро мушоҳида кардед? Шумо ҳодисаи пайдо шудани рангинкамонро мебинед.

## Худро санҷед:

1. Баҳор аз дигар фаслҳои сол аз рӯйи кадом аломатҳояш фарқ мекунад?

2. Рангинкамон чӣ хел пайдо мешавад?

3. Зарбулмасали “як рӯзи баҳор, пур кунад анбор”-ро шарҳ диҳед?

4. Дар фасли баҳор кадом идҳо ҷашн гирифта мешаванд?

## Тестҳо

1. Моҳҳои фасли баҳорро муайян кунед:

А) январ, феврал, март;
Б) апрел, май июн;
В) март, апрел, май;
Г) октябр, ноябр, декабр;

2. Пайдарҳамии дурусти моҳҳои фасли баҳорро дар ҷадвали зерин муайян кунед (дар хоначаҳои холӣ рақам гузоред):

| | |
|---|---|
| | апрел |
| | май |
| | март |

3. Ҷумларо пурра кунед.

Дар баҳор парандаҳои ____________________ аз макони зимистонгузаронӣ баргашта меоянд.

## Луғат

***Тадриҷан*** **–** оҳиста-оҳиста, дараҷа ба дараҷа.

# IV. ТАБИАТ ВА ОДОБИ МО

## §25. ДАР МУНОСИБАТ БО ТАБИАТ БООДОБ БОШЕД!

- *Ба фикри шумо чаро табиатро ҳифз кардан зарур аст?*
- *Кадом рафтори мо боиси харобшавии табиат мегардад?*
- *Шумо кадом қоидаҳои боодоб буданро медонед?*

Бачаи боодобро ҳама дӯст медоранд. Нафаре, ки ба калонсолон салом медиҳад ва рафтори хуб дорад, шахси боодоб мебошад. Оё, нисбат ба табиат ҳам боодоб будан лозим аст? Бале! Мо бояд ҳам нисбат ба одамон ва ҳам бо табиат боодоб бошем.



*Рафтори дуруст*

Мо бояд табиати маҳалли зисти худро тозаю озода нигоҳ дорем. Дар заминҳои бекорхобида дарахту буттаҳо шинонем ва атрофи хонаю мактабро гулзор кунем.



*Рафтори нодуруст*

Агар мо ба табиат муносибати хуб карданӣ бошем, бояд амалҳои зеринро иҷро намоем:

1. Гулҳоро беҳуда наканем ва поймол накунем;
2. Шоху навдаи дарахтонро нашиканем;
3. Дарахтони сабзро набурем;
4. Лонаи парандаҳоро вайрон накунем;
5. Ҳайвонҳоро азоб надиҳем ва бемаврид шикор накунем;
6. Ҳар гуна партовро ба табиат напартоем;
7. Партовҳои аз пешамон баромадаро ба қуттии партов андозем;
8. Баъди истироҳату фароғат дар манзараи табиат, боқимондаи хӯрок, зарфҳои холӣ ва дигар чизҳои нодаркорро напартоем;
9. Агар оташ даргиронда бошем, пеш аз рафтан ҳатман онро хомӯш кунем;

Иҷрои риояи қоидаҳои боло барои ҳар як инсон шарт аст, зеро табиат ҳам мисли одам ба ғамхорӣ ниёз дорад. Агар мо нисбат ба табиат ғамхорӣ накунем, он рӯз аз рӯз хароб шуда, зебоияшро гум мекунад.







*Лаҳзаи таъсири баъзе одамон ба муҳити зист*

Барои мо табиати тоза ва зебо лозим аст. Аз мушоҳидаи табиати ифлос дили одам реш мешавад. Чунки ин натиҷаи беадолатии баъзе одамони бетарбия нисбат ба табиат аст. Пас, биёед бачаҳо, табиатро якҷоя эҳтиёт кунем, ободу зебо гардонем.

## Кори амалӣ

Дунафарӣ кор кунед. Расмҳои 1 ва 2-ро муқоиса карда, фикрҳоятонро оид ба манзараҳои табиат дар дафтар нависед. Натиҷаи коратонро бо иҷозати омӯзгор ба ҳамсинфон хонед.

## Худро санҷед:

1. Дар муносибат бо табиат боодоб буданро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Қоидаҳои рафтори дурустро нисбат ба табиат гӯед.
3. Барои ободу зебо гардонидани табиати маҳалли зисти худ чӣ гуна саҳм мегузоред?
4. Дар маҳалли зисти шумо бачаҳои нисбат ба табиат беодобу вайронкор ҳастанд? Шумо ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?

## Тестҳо

1. Кадоме аз ин амали мо нисбат ба табиат беодобӣ ҳисобида мешавад?

А) Партовҳоро дар ҷойҳои махсус партофтан;
Б) Гулҳои дар гулгаштҳо шинондашударо накандан;
В) Ҳайвонотро муҳофизат кардан;
Г) Буридани дарахту шикори ҳайвонот;

2. Ҷумларо пурра кунед.
Табиат ҳам мисли инсон ба ___________ ниёз дорад.

## Луғат

***Муҳити зист*** – маконе, ки организмҳои зинда умр ба сар мебаранд.

# §26. МУНОСИБАТИ ОИЛА БО МУҲИТИ ЗИСТ

- *Оила гуфта чиро мефаҳмед?*
- *Дар бораи хонаводаи худ нақл кунед.*

Аъзои оилаи мо шахсони наздиктарини моянд. Онҳо дар ғаму хурсандии мо шариканд. Мо якҷоя бо аъзои оила корҳои хоҷагидориро анҷом медиҳем, ба сайру тамошо меравем ва истироҳат мекунем.



*Оилаи тифоқ*

Ҳар як хонавода ба хӯрок, либос ва асбобу анҷоми рӯзгор ниёз дорад. Асосан барои қонеъ кардани талаботи худ оилаҳо аз ашёи табиат истифода мебаранд. Масалан, барои бо хӯрок таъмин намудани хонавода зироаткорӣ мекунанд. Боғу токзор бунёд карда, меваи онро ҷамъ меоранд, чорво ва паранда парвариш менамоянд. Ҳангоми иҷрои ин корҳо баъзан оилаҳо табиатро ифлос мекунанд. Чӣ тавре ки мо медонем, муҳити атрофро ифлос кардан мумкин нест. Пас, чӣ кор кунем, ки оилаи мо ба муҳити атроф зарар нарасонад?

Якчанд қоидаҳое мавҷуданд, ки дар ҳолати риоя кардани онҳо муҳити атроф ифлос намешавад.

1. Партовҳое, ки дар хона пайдо мешаванд (коғаз, қуттиҳои гуногун, зарфҳои оҳанин, шишагин ва пластикӣ) бояд ба ҷойи махсус партофта шаванд. Ин гуна ҷойҳоро партовгоҳҳо меноманд. Дар ҳар як шаҳру деҳот портовгоҳҳои махсус мавҷуд ҳаст.

2. Агар бо аҳли оила барои истироҳат ба манзараи табиат равед, дар бозгашт боқимондаи хӯрок ва зарфҳои холишударо напартофта, бо худ гирифта биёред. Онҳоро дар ҷойҳои таъйиншуда партофтан лозим аст.



*Истироҳати оилавӣ дар табиат*

3. Ҳангоми иҷрои корҳои хоҷагидорӣ (киштукор, чорводорӣ) ба замин, наботот ва ҳайвоноти муҳити атроф ғамхорона муносибат кардан лозим аст.

4. Ҳар як оила бояд обро сарфакорона истифода барад. Партовҳоро ба об андохтан мумкин нест, зеро об ифлос мешавад. Мардум онро менӯшанд ва ба бемориҳо гирифтор мешаванд.

Хушбахтона оилаҳои ободкор ҳам ҳастанд. Онҳо заминҳои бекорхобидаро обёрӣ мекунанд. Дар талу теппаҳо боғ бунёд менамоянд. Ин гуна оилаҳо бо чунин рафтори некашон ба табиат фоидаи зиёд оварда, онро зебо мегардонанд.

## Кори амалӣ

Нақшаи зерро дар дафтар тасвир кунед. Рафторҳои дуруст ва нодурусти оиларо нисбат ба табиат дар он нависед. Натиҷаи коратонро ба омӯзгор ва ҳамсинфон нишон диҳед.



## Худро санҷед:

1. Оилаи тифоқ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Қоидаҳои муносибати дурусти оиларо нисбат ба табиат номбар кунед.
3. Оид ба муносибати дурусти оила бо табиат аз ҳаёт мисол биёред.
4. Оилаи бунёдкорро чӣ тавр мефаҳмед?

## Тестҳо

1. Ҷумларо пурра кунед.

Оилаҳо барои қонеъ кардани талаботи худ, асосан аз ашёи ________ истифода мебаранд.

2. Ақидаҳои дурустро интихоб кунед:

А) аъзои оилаи мо шахсони наздиктарини моянд;
Б) партовҳо бояд дар ҷойи махсус партофта шаванд;
В) табиатро ифлос кардан вазифаи оила аст;
Г) баъди истироҳат зарфҳои холишударо напартофта, бо худ гирифтан лозим аст;
Ғ) партовҳоро ҳар ҷое, ки рост ояд, партофтан лозим аст;
Д) ҳар як хонавода бояд обро сарфакорона истифода барад.

## Луғат

***Оила*** – хонавода, хонадон, зану фарзанд, хешу табор.

## §27. МУНОСИБАТИ МО БО МУҲИТИ ТАБИИИ МАКТАБ

- *Мактаб чӣ гуна ҷой аст?*
- *Оид ба ҳолати саҳни мактаби худ нақл кунед.*

Мактаб ҷоест, ки хонандагон таълиму тарбия мегиранд. Ҳамаи кормандони мактаб бо ҳам дӯсту тифоқанд.

Бештари таълимгоҳҳо замини наздиҳавлигии васеъ доранд. Дар он дарахтони гуногун, гулу буттаҳо шинонида шудаанд.



*Гулгашти назди мактаб*

Баъзе мактабҳо қитъаи замини таҷрибавӣ доранд. Дар қитъаи замини таҷрибавӣ зироатҳои гуногун парвариш карда мешаванд. Хонандагон сабзиш ва нашвунамои рустаниҳоро мунтазам меомӯзанд.



*Қитъаи таҷрибавии назди мактаб*

Тавре, ки аз дарсҳои гузашта медонем, дар мактабҳо гӯшаи зинда низ вуҷуд дорад. Ҳамаи рустаниҳо, қитъаи замини таҷрибавӣ ва гӯшаи зиндаи мактаб дар якҷоягӣ муҳити табиии мактабро ташкил медиҳанд.



*Саҳни ҳавлии мактаб*

Хонандагоне ҳастанд, ки бо рафтори нодурусти худ ба муҳити табиии мактаб зарар мерасонанд. Онҳо шохаи дарахтонро мешикананд, алафҳоро поймол мекунанд ва ҳайвонҳои гӯшаи зиндаи мактабро озор медиҳанд.

Барои ободу зебо нигоҳ доштани табиати атрофи мактаб хонандагон ва кормандони мактаб бояд корҳои зеринро иҷро кунанд:

– ба гулҳо ва дарахтони назди ҳавлии мактаб об диҳанд;
– бехи ниҳолу буттаҳоро нарм кунанд;
– нисбат ба гӯшаи зиндаи мактаб ғамхор бошанд;
– дар ободу зебогардонии саҳни ҳавлии мактаб саҳм гузоранд.

Муносибати некхоҳонаи кормандон ва хонандагон нисбат ба муҳити атрофи мактаб манзараи онро боз ҳам зеботар мегардонад.

## Кори амалӣ

Ҷадвали зерро дар дафтар тасвир кунед. Рафторҳои дуруст ва нодурусти хонандагонро дар сутунҳои мувофиқ нависед.

| Рафтори дуруст | Рафтори нодуруст |
|---|---|
| | |

## Худро санҷед:

1. Ба муҳити табиии атрофи мактаб чӣ дохил мешавад?

2. Кадом намуди рустаниҳо дар муҳити табиии атрофи мактаб мавҷуданд?

3. Қитъаи замини ҳавлии мактаб барои чӣ лозим аст?

4. Барои ободу зебо нигоҳ доштани табиати атрофи мактаб чӣ бояд кард?

5. Ба рафтори баду неки бачаҳо нисбат ба муҳити табиии атрофи мактаб баҳо диҳед.

## Тестҳо

1. Ҷавоби нодурустро интихоб кунед.

Ба муҳити табиии атрофи мактаб дохил мешаванд:

А) дарахтон ва гулу гиёҳҳои ороишӣ;
Б) бино ва майдони варзишии мактаб;
В) гӯшаи зиндаи мактаб;
Г) қитъаи таҷрибавии мактаб.

2. Мувофиқатии унсурҳои табиати мактабро аз рӯйи ҷойгиршавиашон дар ҷадвали зер муайян кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Гулҳои ороишӣ | А) Қитъаи таҷрибавӣ |
| 2. Зироатҳо | Б) Гӯшаи зинда |
| 3. Парандагон | В) Саҳни мактаб |

## Луғат

***Қитъа*** – порча, қисме аз замин.
***Озор*** – азоб, шиканҷа.
***Нашвунамо-*** сабзидан, сабзиш, ба воя расидан.

## §28. ОДОБИ РАФТОР ДАР БОҒУ ГУЛГАШТҲО

- *Дар маҳалли зисти шумо кадом боғу гулгаштҳо вуҷуд доранд?*
- *Оид ба ҷойҳои истироҳатии маҳаллатон нақл кунед.*

Ҳар як шаҳру деҳот боғ, ҷойҳои истироҳатӣ ва тамошогоҳҳо дорад, ки мардуми зиёд ба он ҷо меоянд. Табиати боғу гулгаштҳои шаҳр ниҳоят зебо аст. Баъзе гулу буттаҳои онро аз дигар минтақаҳо меоранд. Гулҳои аз дигар минтақаҳо овардашуда ниҳоят нозуканд ва ба нигоҳубини махсус ниёз доранд. Одамон баъди кор ё дар рӯзҳои истироҳатӣ ба боғу гулгаштҳои шаҳр омада, истироҳат мекунанд ва хастагии худро бартараф месозанд.



*Боғи устод Рӯдакӣ ва Қасри миллат дар шаҳри Душанбе*



*Боғи Ирами шаҳри Душанбе*

Мутаассифона, баъзе одамоне ҳастанд, ки одоби дуруст надоранд. Онҳо дар боғу гулгаштҳои шаҳр бо рафтори нодурусти худ табъи дигаронро хира мекунанд. Дар поён якчанд қоидаҳое оварда мешаванд, ки онҳоро ҳар як шахс ҳангоми сайругашт дар боғу гулгаштҳо бояд риоя кунад.

1. Ба тамошои боғу гулгаштҳои шаҳр танҳо рафтани мактаббачагони хурдсол мумкин нест.

2. Сабзазорҳоро поймол кардан ва гулу гиёҳҳои атрофро чидан манъ аст.

3. Коғазпора, қуттӣ ва боқимондаи хӯрокро дар роҳравҳо партофтан аз рӯйи одоб нест. Барои ин дар боғу гулгаштҳо қуттиҳои махсуси ҷамъоварии партов гузошта шудааст.

4. Бо овози баланд сухан гуфтан, хандидан, доду фарёд задан ва баровардани садоҳои гуногун нишонаи беодобист. Бо ин рафторамон ба истироҳати дигарон халал мерасонем.

5. Агар дар атроф ҷойи нишаст маҳдуд бошад, ба одамони калонсол ҷой додан лозим аст.

6. Агар касе аз шумо чизеро пурсад, боодобона ба саволаш ҷавоб диҳед. Аз суханони боодобонаи *марҳамат, ташаккур, раҳмат, мебахшед* истифода кунед.

Одоб ва рафтори дурусти мо боиси хушнудии худамон ва атрофиён мегардад.

## Кори амалӣ

Расмҳои болоро бодиққат мушоҳида кунед. Аз рӯйи мазмуни расмҳо се-чор ҷумла нависед. Кори худро ба омӯзгор ва ҳамсинфон хонед.

## Худро санҷед:

1. Боғу гулгаштҳо ба одамон чӣ фоида доранд?
2. Шумо кадом боғу гулгаштҳоро медонед?
3. Ҳангоми сайругашт дар боғу гулгаштҳо кадом қоидаҳоро бояд риоя кард?
4. Дар боғу гулгаштҳо боодоб будан чӣ аҳамият дорад?

## Тестҳо

1. Дар боғу ҷойҳои истироҳатӣ партовҳоро ба куҷо партофтан лозим аст?

А) Дар қуттиҳои махсус;
Б) Дар роҳравҳо;
В) Дар байни гулҳо;
Г) Дар ҷойҳои беодам;

2. Ҷумларо пурра кунед.

Одоб ва рафтори дурусти мо дар боғу гулгаштҳо боиси ______________ атрофиён мегардад.

# V. САЙЁРАИ ЗАМИН

## §29. САТҲИ ЗАМИН ЧӢ ГУНА АСТ?

- *Кадом ноҳамвориҳои сатҳи Заминро медонед?*
- *Дар маҳалли зисти шумо кадом шаклҳои сатҳи Замин вуҷуд доранд?*
- *Оид ба истифодаи он нақл кунед.*

Сатҳи Замин ҳамвор набуда, асосан аз кӯҳҳо, ҳамвориҳо, теппаҳо ва ҷариҳо иборат аст. Пастию баландиҳои сатҳи Заминро релйеф мегӯянд.

Кӯҳ қисми барҷастаи сатҳи Замин буда, ниҳоят баланд аст. Баландии кӯҳ аз 200 метр зиёд мешавад. Кӯҳҳое ҳастанд, ки баландии онҳо то 8000 метр ва аз он зиёд мебошанд.

Ҳар як кӯҳ аз **домана**, **нишебӣ** ва **қулла** иборат аст. Домана ҷоест, ки кӯҳ аз он оғоз мегардад. Қулла нуқтаи аз ҳама баланди кӯҳ мебошад. Нишебии кӯҳ дар байни домана ва қулла ҷойгир шудааст.

Қисми зиёди ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ишғол кардаанд.



Ҳамворӣ сатҳи тахти Замин мебошад. Дар баъзе ҳамвориҳо баландиҳоро дидан мумкин аст, ки онҳоро теппа меноманд. Теппа пуштаи аз сатҳи замин баланд баромада мебошад. Он монанди кӯҳ аз қулла, нишебӣ ва домана иборат аст. Теппаҳоро дар доманаи кӯҳҳо низ дучор омадан мумкин аст.

Баъзан дар ҳамвориҳо ва теппаҳо ҷариҳо ба назар мерасанд. Ҷариро, асосан об ба вуҷуд меорад. Дар ҷарӣ одамон кишту кор карда наметавонанд. Бинобар ин, заминҳоро аз табдил шудан ба ҷарӣ пешгирӣ кардан лозим аст.



*Ҷарӣ*



*Ҳамворӣ*

Ҳамвориҳо барои киштукор, чорводорӣ, сохтани манзил ва бунёди шаҳрҳо мувофиқанд. Одамон кӯҳҳо ва теппаҳоро низ истифода мебаранд. Дар теппаҳо киштукор мекунанд, боғҳо бунёд менамоянд. Нишебии кӯҳҳоро ҳамчун чарогоҳ истифода мебаранд.

Кӯҳҳо, теппаҳо ва ҳамвориҳои диёри мо табиати хушманзараи кишварамонро боз ҳам зеботар мегардонанд.

## Кори амалӣ

Ҷадвали зерро дар дафтар тасвир кунед. Шаклҳои релйефро дар сутуни аввали он нависед. Истифодаи онҳоро дар сутуни дуюми ҷадвал нишон диҳед.

| Шаклҳои релйеф | Истифодаи онҳо |
|---|---|
| | |
| | |

## Худро санҷед:

1. Релйеф чист?
2. Шаклҳои релйефро номбар кунед.
3. Оид ба ҳамворӣ чӣ гуфта метавонед?
4. Оид ба кӯҳ ва қисмҳои он маълумот диҳед.
5. Теппа аз кӯҳ чӣ фарқ дорад?
6. Ҷариро чӣ ба вуҷуд меорад?

## Тестҳо

1. Пайдарҳамии дурусти ҷойгиршавии қисмҳои кӯҳро аз боло ба поён муайян кунед (дар хоначаҳои холӣ рақам гузоред):

| | |
|---|---|
| | домана |
| | қулла |
| | нишебӣ |

2. Баландии теппа ба чанд метр баробар аст?
   А) Қариб 300 метр;
   Б) Наздик ба 350 метр;
   В) То 200 метр;
   Г) Зиёда аз 200 метр;
3. Ҷумларо пурра кунед:
   Ҳамворӣ сатҳи __________ Замин мебошад.

## Луғат

***Релйеф*** – ноҳамвориҳои сатҳи Замин

***Сайёра*** – ҷисми осмонӣ, ки дар гирди Офтоб давр мезанад.

## §30. ҚИТЪАҲОИ ОЛАМ

Қитъа ҳудуди калони хушкиест, ки дар атрофи он баҳру уқёнусҳо ҷойгиранд. Дар кураи Замин шаш қитъа мавҷуд аст: Аврупо, Осиё, Африқо, Амрико, Австралия ва Антарктида. Ҳар як қитъа аз рӯйи масоҳат ва табиати худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.




*Харитаи қитъаҳои олам*

Аз рӯйи масоҳат қитъаҳоро аз калон ба хурд, бо чунин тартиб гузоштан мумкин аст:

1. Осиё;
2. Амрико;
3. Африқо;
4. Антарктида;
5. Аврупо;
6. Австралия;

**Осиё** қитъаи калонтарини кураи Замин мебошад. Ин қитъа аз рӯйи шумораи аҳолӣ низ дар ҷойи аввал меистад. Қитъаи Осиё бо қитъаи Аврупо дар як қисми калони хушкӣ ҷой гирифтааст, ки дар якҷоягӣ материки Авруосиё ном дорад (ба харита нигаред). Кӯҳҳои аз ҳама баланди дунё дар Осиё мебошанд. Мо дар ҳамин қитъа зиндагӣ мекунем.



*Кӯҳҳои баланд дар қитъаи Осиё*

**Қитъаи Амрико** аз ҷиҳати масоҳат баъд аз Осиё дар ҷойи дуюм мебошад. Ин қитъа аз ду қисми калони хушкӣ – Амрикои Шимолӣ ва Амрикои Ҷанубӣ иборат аст (нигаред ба харита). Табиати қитъаи Амрико зебо буда, дар он ҷангалҳои касногузар, кӯҳҳои баланд ва ҳамвориҳои серҳосил ҷойгир шудаанд.

**Қитъаи Африқо** ватани одамони сиёҳпӯст – зангиҳо мебошад. Дар Африқо ҳарорат ниҳоят гарм аст, бинобар ин, пӯсти одамон аз таъсири нури Офтоб тобиши сиёҳро гирифтааст. Олами ҳайвоноти Африқо гуногуну бой аст. Фил, шер ва баҳмут дар Африқо зиндагӣ мекунанд.



*Фили африқоӣ*



*Бахмут*



*Шер*

**Қитъаи Антарктида** пурра бо ях пӯшида шудааст. Аз сабаби хунук буданаш дар Антарктида одамон ба таври муқимӣ зиндагӣ намекунанд. Дар он ҷо рустанӣ ҳам намерӯяд.

Дар **қитъаи Аврупо** давлатҳои пешрафтаи дунё ҷойгир шудаанд. Олимони аврупоӣ бисёр қонунҳои табиатро кашф кардаанд. Табиати Аврупо низ ба мисли дигар қитъаҳо зебо ва хушманзара аст.

**Австралия** қитъаи хурдтарини кураи Замин мебошад. Табиати Австралия хеле зебо ва гуногун аст. Дар он ҷо ҳайвоне бо номи кенгуру зиндагӣ мекунад. Ин ҳайвони

диққатангез бачаашро дар халтаи зери шикамаш гирифта мегардад.



*Кенгуру*

## Худро санҷед

1. Қитъа чист?
2. Қитъаҳои кураи Заминро номбар кунед.
3. Оид ба ҳар як қитъа маълумот диҳед.
4. Мо дар кадом қитъаи олам зиндагӣ мекунем?

## Тестҳо

1. Тоҷикистон дар кадом қитъа ҷойгир шудааст?
   А) Аврупо;
   Б) Африқо;
   В) Амрико;
   Г) Осиё;

2. Ҷумларо пурра кунед.
Дар кураи Замин ______ қитъа мавҷуд аст.

## Луғат

***Олам*** – ҷаҳон, дунё.
***Кура*** – ҳар чизи даврашакл, гирд.

# §31. ДАВЛАТҲОИ ҶАҲОН

- *Шумо кадом давлатҳои ҷаҳонро медонед?*
- *Харитаи сиёсии ҷаҳон чиро фаро мегирад?*

Дар ҷаҳон давлатҳои зиёд мавҷуданд. Давлатҳоро дар харита ё глобус хуб ҷудо кардан мумкин аст. Харитае, ки дар он давлатҳо, сарҳад ва пойтахти онҳо тасвир шудааст, харитаи сиёсии ҷаҳон ном дорад.




*Харитаи сиёсии ҷаҳон*

Ҳар як давлат масоҳат, сарҳад, пойтахт, суруд ва пули миллӣ, нишон ва парчами худро дорад. Ҳоло бо баъзе давлатҳо шинос мешавем.

Британияи Кабир, Фаронса, Олмон ва Италия давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон буда, дар қитъаи Аврупо ҷойгир шудаанд. Олмон яке аз давлатҳои сераҳолитарини қитъаи Аврупо мебошад. Италия дар қисми ҷанубии қитъаи Аврупо ҷойгир аст. Фаронса ва Британияи Кабир дар қисми ғарбии Аврупо ҷойгир шудаанд.

Давлатҳои Чин (Хитой), Ҳиндустон ва Ҷопон дар қитъаи Осиё ҷойгиранд. Чин ва Ҳиндустон аз ҷумлаи давлатҳои сераҳолитарини ҷаҳон мебошанд. Ба онҳо қариб нисфи аҳолии кураи Замин рост меояд. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ Ҷумҳурии мардумии Чин дар ҷаҳон ҷойи якум ва Ҳиндустон ҷойи дуюмро ишғол мекунанд.



*Мардуми Чин ва Ҳиндустон*

Ҷопон ва Русия низ давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон мебошанд. Ҷопон дар қитъаи Осиё ҷойгир шудааст. Русия аз ҷиҳати масоҳат дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол мекунад. Як қисми ҳудуди он дар қитъаи Аврупо ва қисми дигараш дар Осиё паҳн гаштааст.



*Маскав – пойтахти Русия (Майдони Сурх)*

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз давлатҳои пуриқтидортарини дунё аст. Бразилия низ яке аз давлатҳои калони ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ин ду давлат дар қитъаи Амрико ҷойгир шудаанд.

**Ч** **Чистон**

*Шаҳр асту одам нест,*
*Баҳр асту обаш нест.*

**Кори амалӣ**

Ҷадвали зерро дар дафтар тасвир кунед. Аз матни китоб истифода бурда, ҷойгиршавии давлатҳоро дар қитъаҳо нишон диҳед.

| Қитъаҳо | Давлатҳо |
|---|---|
| | |

## Худро санҷед:

1. Харитаи сиёсии ҷаҳон чист?
2. Давлатҳоро аз рӯйи кадом нишонаҳо фарқ мекунанд?
3. Давлатҳои калонтарини ҷаҳонро номбар кунед.
4. Сераҳолитарин давлати ҷаҳон кадом аст?

## Тестҳо

1. Кадоме аз ин давлатҳо аз ҷиҳати масоҳат калонтарин ба ҳисоб меравад?

А) Чин;
Б) Русия;
В) Бразилия;
Г) Ҳиндустон;

2. Ҷумларо пурра кунед:
Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз давлатҳои ________________ дунё аст.

## Луғат

***Глобус*** – шакли хурдкардашудаи кураи Замин.

***Харита*** – нақшаи географӣ, нақшаи рӯйи Замин, мамлакат ё ҷое.

***Иқтидор*** – қудрат, тавоноӣ.

## § 32. ТОҶИКИСТОН ДАР ХАРИТАИ ҶАҲОН

- *Ватани мо чӣ ном дорад?*
- *Дар бораи Тоҷикистон аз дарсҳои гузашта чӣ медонед?*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қитъаи Осиё ҷойгир шудааст. Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе мебошад. Душанбе яке аз шаҳрҳои зебою сарсабзи дунё ба ҳисоб меравад.



*Манзараи шаҳри Душанбе*

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Чин ва Афғонистон ҳамсарҳад мебошад (нигаред ба харита). Тоҷикистон бо ҳамсояҳо ва тамоми давлатҳои дунё муносибати дӯстона дорад.




*Харитаи Осиёи Марказӣ*

Он минтақаи қитъаи Осиёро, ки Тоҷикистон ва ҳамсояҳояш ҷойгир аст, Осиёи Марказӣ меноманд. Ба Осиёи Марказӣ ғайр аз Тоҷикистону ҳамсояҳояш боз ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Туркманистон дохил мешаванд.

Табиати Тоҷикистон бо зебогии худ диққати ҷаҳониёнро ба худ ҷалб кардааст. Қисми зиёди масоҳати Тоҷикистонро кӯҳҳо ишғол кардаанд. Дар Тоҷикистон захираҳои калони об мавҷуданд. Қисме аз кишварҳои Осиёи Марказӣ аз обҳои Тоҷикистон истифода мебаранд.

Тоҷикистон дар ҳалли бисёр масъалаҳои муҳими ҳаётӣ саҳми арзанда мегузорад. Масалан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин шуда, масъалаи оби тозаро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

## ✓ Кори амалӣ

1. Харитаи болоро аз назар гузаронед. Аз рӯйи он номи давлатҳои Осиёи Марказиро дар дафтар нависед. Коратонро бо рафиқатон иваз кунед ва дурустии онро санҷед. Аз болои ғалатҳои бавуҷудомада дунафара кор кунед.

2. Нақшаи зеринро дар дафтар тасвир кунед. Дар хоначаҳои холии он номи давлатҳои ҳамсарҳади Тоҷикистонро нависед:




## Худро санҷед:

1. Тоҷикистон дар кадом қитъа ҷойгир шудааст?
2. Тоҷикистонро аз харита нишон диҳед.
3. Давлатҳои ҳамсарҳади Тоҷикистонро номбар кунед.
4. Тоҷикистон бо кадом хусусиятҳояш машҳур аст?
5. Саҳми Тоҷикистонро дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ фаҳмонед.

## Тестҳо

1. Кадоме аз ин давлатҳо бо Тоҷикистон ҳамсарҳад нест?

А) Афғонистон;
Б) Қирғизистон;
В) Қазоқистон;
Г) Чин (Хитой);

2. Ҷумларо пурра кунед:

Тоҷикистон бо ҳамсояҳо ва тамоми давлатҳои дунё ________________________ дорад.

## § 33. ТОБИСТОН – ФАСЛИ ГАРМО

- *Фасли тобистон кадом моҳҳоро дар бар мегирад?*
- *Оид ба шуғле, ки дар фасли тобистон дӯст медоред, нақл кунед.*

Тобистон фасли гармтарини сол аст. Аз ин рӯ, тобистонро фасли гармо низ мегӯянд. Фасли тобистон моҳҳои июн, июл ва августро дар бар мегирад (нигаред ба нақшаи зер).




Дар фасли тобистон рӯзҳо дароз ва шабҳо кӯтоҳ мешаванд. Офтоб баланд мебарояд ва ҳаво ниҳоят гарм мешавад. Боридани боронро кам мушоҳида мекунем. Дарёҳо аз ҳисоби об шудани барфу пиряххои кӯҳҳои баланд сероб мегарданд.



*Манзараи  фасли тобистон*

Ҳайвонҳо дар ин фасл, асосан ба нигоҳубини насли худ машғул мешаванд. Бештари ҳайвонҳо дар аввалҳои тобистон пашми ғафси зимистонаи худро мепартоянд. Ба ҷойи он пашми сабуки тобистона мебароранд.

Аксари меваю сабзавот дар тобистон мепазанд. Дар ин фасл себ, зардолу, шафтолу, олуча, анҷир, нок ва дигар меваҳо; аз сабзавот пиёз, сабзӣ, помидор, бодиринг, карам, шалғам  фаровон мешаванд. Аз зироатҳои полизӣ тарбуз, харбуза ва каду пухта мерасанд. Кишоварзон меваю сабзавотро захира карда, боқимондаи онро ба бозор мебароранд.



*Манзараи бозор дар фасли тобистон*

Дар саршавии фасли тобистон соли таҳсил анҷом меёбад. Хонандагон ба таътили тобистона мебароянд. Онҳо ба лагерҳои истироҳатӣ рафта, дам мегиранд. Ҳар як хонанда бояд дар охири соли таҳсил нақшаи худро барои таътили тобистона тартиб диҳад.

## Кори амалӣ

Ҷадвали зерро дар дафтар тасвир кунед. Дар он аломатҳои фасли тобистонро нависед.

| Аломатҳо | Шарҳи аломатҳо |
|---|---|
| 1. Моҳҳо | |
| 2. Обу ҳаво | |
| 3. Дарёҳо | |
| 4. Меваю сабзавот | |
| 5. Фаъолияти одамон | |

## ? Худро санҷед:

1. Нишонаҳои тобистонро шарҳ диҳед.
2. Кадом намудҳои меваю сабзавот дар тобистон мепазанд?
3. Тобистон дар ҳайвонот чӣ тағйирот ба амал меоянд?
4. Оид ба тайёрии худ барои гузаронидани таътили тобистона нақл кунед.

## Тестҳо

1. Моҳҳои фасли тобистонро интихоб кунед.

А) июн, июл, август;
Б) сентябр, октябр, ноябр;
В) декабр, январ, феврал;
Г) март, апрел, май;

2. Пайдарҳамии дурусти ҷойгиршавии моҳҳои фасли тобистонро муайян кунед (дар хоначаҳои холӣ рақам гузоред):

| | |
|---|---|
| | июл |
| | август |
| | июн |

## Луғат

***Лагер*** - истироҳатгоҳи тобистонаи хонандагон

***Полиз*** – ҷое, ки рустаниҳои палакӣ ва сабзавот кошта мешавад.

***Шуғл*** – машғулият, кор, пеша, касб.

## §34. ДАР ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА МО ЧӢ КОР МЕКУНЕМ?

- *Шумо дар таътили тобистона ба куҷо меравед?*
- *Мақсади рафтани худро шарҳ диҳед.*

Соли таҳсил ҳам анҷом ёфта истодааст. Акнун вақти он расидааст, ки каме истироҳат кунем. Дар пеш фасли тобистон моро интизор аст. Барои самаранок гузаронидани таътили тобистона нақшаҳои худро тартиб додан лозим аст. Пеш аз тартиб додани нақша мо бояд ба кадом кор машғул шудани худро муайян кунем.

Шояд қисме аз хонандагон ба лагерҳои истироҳатӣ мераванд. Қисми дигар ба хонаи хешу табор мераванд ва қисми сеюм дар лагерҳои наздимактабӣ истироҳат мекунанд.



*Бозиҳои варзишӣ дар лагер*



*Лаҳзаи фароғати хонандагон*

Хонандагоне, ки барои истироҳат ба лагерҳо мераванд, бояд нақшаи истироҳати худро дошта бошанд. Барои тартиб додани нақша ба масъалаҳои зер диққат додан лозим аст.

1. Мо дар таътили тобистона ба куҷо меравем?
2. Барои мо кадом либосҳо лозим мешаванд?
3. Кадом ашёи хонишро бо худ гирифта метавонем?
4. Ба кадом бозиҳо машғул мешавем? Бозиҳои дӯстдоштаи ман.
5. Кадом қоидаҳои бехатариро риоя мекунем?
6. Чӣ гуна таассуроти худро аз таътили тобистона ба таври хаттӣ қайд мекунем?

Аз сабаби он ки тобистон фасли гарм аст, мо бояд бо худ либосҳои сабуки тобистона гирем. Барои эҳтиёт кардани сар ва чашм аз сарпӯш ва айнакҳои махсус истифода бурдан лозим аст.



*Намунаи айнаки тобистона*



*Сарпӯши духтарона*



*Сарпӯши писарона*

## ✓ Кори амалӣ

1. Ҷадвалро дар дафтар тасвир кунед ва нақшаҳои худро барои гузаронидани таътили тобистона дар он нишон диҳед. Нақшаро бо омӯзгор мувофиқа кунед.

## Намунаи тартиб додани нақшаи истироҳати тобистона дар лагерҳо

| № | Нақшаҳои ман | Шарҳ |
|---|---|---|
| 1 | Ҷойи гузарондан | |
| 2 | Либосҳои ман | |
| 3 | Ашёи хониш | |
| 4 | Бозиҳои дӯстдоштаи ман | |
| 5 | Қоидаҳои бехатарӣ | |
| 6 | Рӯзномаи ман | |

## Калиди чистонҳо

| № | §-и мавзӯъҳо | Ҷавоби чистонҳо |
|---|---|---|
| 1 | § 5 | Чистони 1. Абр, раъду барқ;<br>Чистони 2. Моҳӣ. |
| 2 | § 6 | Китоб |
| 3 | § 7 | Офтоб |
| 4 | § 9 | Рангинкамон |
| 5 | § 10 | Борон |
| 6 | § 13 | Ҷуворимакка |
| 7 | § 18 | Лабҳо |
| 8 | § 21 | Заминларза |
| 9 | § 23 | Мор |
| 10 | § 31 | Харита |

# Калиди тестҳо

| Мавзӯъҳо | Рақами тестҳо | Ҷавоби тестҳо |
|---|---|---|
| § 1 | 1 | В |
| | 2 | қадимтарин |
| § 2 | 1 | Г |
| | 2 | муҳофизат |
| § 3 | 1 | Б |
| | 2 | муҳофизат |
| § 4 | 1 | 1-Б,В; 2-А,Г |
| | 2 | Наврӯз, Меҳргон |
| § 5 | 1 | А |
| | 2 | Г |
| § 6 | 1 | Б |
| | 2 | В |
| | 3 | табиӣ |
| § 7 | 1 | А |
| | 2 | наздик |
| § 8 | 1 | В |
| | 2 | тайёрӣ |
| § 9 | 1 | Г |
| | 2 | мавсимӣ |
| § 10 | 1 | Б |
| | 2 | борон, барф |
| § 11 | 1 | Г |
| | 2 | вазифаи |
| § 12 | 1 | В |
| | 2 | сӯзишворӣ |
| § 13 | 1 | Г |
| | 2 | навдаи |
| § 14 | 1 | А |
| | 2 | табиат |
| § 15 | 1 | Б |
| | 2 | донхӯрак |
| § 16 | 1 | Г |
| | 2 | Б |
| § 17 | 1 | Б |
| | 2 | Г |

| Мавзӯъҳо | Рақами тестҳо | Ҷавоби тестҳо |
|---|---|---|
| § 18 | 1 | Г |
| | 2 | А |
| | 3 | алоқаманд |
| § 19 | 1 | В |
| | 2 | сабзавот |
| | 3 | А |
| § 20 | 1 | Б |
| | 2 | хавф |
| § 21 | 1 | А, В, Г, Д |
| | 2 | офатҳоро |
| § 22 | 1 | Г |
| | 2 | В |
| § 23 | 1 | Б |
| | 2 | духтур |
| § 24 | 1 | В |
| | 2 | Аз боло: 2; 3; 1 |
| | 3 | мавсимӣ |
| § 25 | 1 | Г |
| | 2 | ғамхорӣ |
| § 26 | 1 | табиат |
| | 2 | А, Б, Г, Д |
| § 27 | 1 | Б |
| | 2 | 1-В; 2-А; 3-Б |
| § 28 | 1 | А |
| | 2 | хурсандии |
| § 29 | 1 | Аз боло: 3; 1; 2 |
| | 2 | В |
| | 3 | тахти |
| § 30 | 1 | Г |
| | 2 | шаш |
| § 31 | 1 | Б |
| | 2 | пуриқтидортарини |
| § 32 | 1 | В |
| | 2 | муносибати дӯстона |
| § 33 | 1 | А |
| | 2 | Аз боло: 2; 3; 1 |
| § 34 | - | - |

# МУНДАРИЧА

I. Тоҷикистон - Ватани маҳбуби мо
§1. Тоҷикистон Ватани мост ........................................ 5
§2. Табиати шаҳр ва деҳоти мо ........................................ 9
§3. Манзараҳои нотакрори табиати кишвари мо....... 12
§4. Ҷашнҳои миллӣ – Наврӯз ва Меҳргон.................. 16

II. Табиат ва гуногунии он
§5. Қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат ................ 20
§6. Ашёи табиӣ ва сунъӣ........................................ 23
§7. Дар бораи осмону ситораҳо чиро бояд донем? .. 27
§8. Тирамоҳ – фасли заррини сол................................ 30
§9. Ҳодисаи табиӣ чист? ........................................ 33
§10. Чаро обу ҳаво тағйир меёбад?............................ 37
§11. Об дар табиат. Хосиятҳои об .............................. 43
§12. Бойигариҳои зеризаминӣ .................................... 47
§13. Рустаниҳо ва аҳамияти онҳо .............................. 50
§14. Олами ҳайвонот................................................ 54
§15. Зимистон – фасли сармо .................................... 57
§16. Гӯшаи зинда дар мактаб .................................... 60
§17. Ҳифзи табиат .................................................. 64

III. Саломатӣ ва бехатарии ҳаёт
§18. Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст? ......... 68
§19. Беҳдошти саломатӣ........................................... 72
§20. Ҳаётатро зери хавф нагузор!................................ 75
§21. Офатҳои табиӣ ва хатари онҳо ........................... 78
§22. Аз сӯхтор эҳтиёт шавед! .................................... 83
§23. Аз ҳайвонот, наботот ва занбӯруғҳои заҳрнок эҳтиёт шавед!................................................ 87
§24. Фасли баҳор .................................................. 92

## IV. Табиат ва одоби мо

§25. Дар муносибат бо табиат боодоб бошед!.......... 96
§26. Муносибати оила бо муҳити зист. ...................... 100
§27. Муносибати мо бо муҳити табиии мактаб. ....... 104
§28. Одоби рафтор дар боғу гулгаштҳо .................... 108

## V. Сайёраи Замин

§29. Сатҳи Замин чӣ гуна аст? .................................. 111
§30. Қитъаҳои олам ...................................................... 114
§31. Давлатҳои ҷаҳон .................................................. 118
§32. Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон ........................... 122
§33. Тобистон – фасли гармо ..................................... 125
§34. Дар таътили тобистона мо чӣ кор мекунем?..... 129

**Набӣ Қодиров, Ибодулло Абдуллоев,**
**Комилшо Исоев, Сайфиддин Давлатзода.**

# ТАБИАТШИНОСӢ

## (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

**Китоби дарсӣ барои синфи 2**

***Муқарризон:***

**М. Лутфуллоев** – академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Т. Ғиёсов** – доктори илми биология, раиси гурӯҳи ҳамоҳангсози барнома ва китобҳои дарсии фанни биологияи Шӯрои миллии таҳсилот.

**А. Ҷӯраев** – раиси гурӯҳи ҳамоҳангсози барнома ва китобҳои дарсии фанни географияи Шӯрои миллии таҳсилот.

**Муҳаррир** – Фаридуни Умарбек.

**Рассом** – Сайёра Имодинова.

**Дизайн** – Фуркат Мирзоев.
Улуғбек Очилов.

Ба чопхона 19.07.2016 супорида шуд. Ба чоп 05.09.2016 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 8,5. Адади нашр 200 000 нусха.
Ҳаҷмаш 8,5 ҷузъи чопии аслӣ.

---

Дар ҶДММ «Полиграф Групп» чоп шудааст.